Бо фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «21» 06 соли 2017,
№ 2213 тасдиқ шудааст

# ОИННОМАИ
## МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ»

**ФАРМОИШИ**
**ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «21» 06 соли 2017 №2213 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқи Оинномаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ»

Мутобиқи моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди 11 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 марти соли 2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Оинномаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Ба ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» (Н. Салимӣ) супорида шавад:

2.1. Фаъолияти Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» - ро дар асоси Оинномаи мазкур ба роҳ монад.

2.2. Оинномаи мазкурро тибқи тартиботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузаронад.

3. Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) вазифадор карда шавад, ки фаъолияти Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» - ро дар асоси талаботи Оинномаи мазкур назорат намояд.

4. Фармоишҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.09.2014, №2055 ва аз 16.05.2017, №1738 тасдиқ шудаанд аз эътибор соқит дониста шаванд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Б. Одиназода гузошта шавад.

Вазир Нуриддин Саид

МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ВАЗОРАТИ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Муовини вазир
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот

# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «22» 04 соли 2020 №1499 ш. Душанбе

Дар бораи ворид намудани тағйирот ба фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2017, №2213

Мутобиқи моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Зербанди 9 банди 96-и Оинномаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», ки бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Оинномаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» аз 21.06.2017, №2213 тасдиқ шудааст, хориҷ карда шавад.

2. Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» Н.Ғаффорӣ вазифадор карда шавад, ки Оинномаи мазкурро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба қайди давлатӣ гирад.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илм Д.Қодирзода гузошта шавад.

Асос: эътирози (ба тариқи назорати умумӣ) Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.04.2020, №11/27-189.

Вазир М.Имомзода

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Муовини вазир
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аввалин маротиба ҳамчун Институти олии агропедагогӣ 18 июли соли 1931 таъсис ёфта, мутобиқи қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 марти соли 1939 ба он номи сардафтари адабиёти Украина- Т.Г. Шевченко гузошта шудааст.

Барои хизматҳояш дар тайёр намудани мутахассисони омӯзгорӣ муассисаи мазкур тибқи қарори Шӯрои Олии ИҶШС аз 16 декабри соли 1981 бо ордени **«Дӯстии халқҳо»** мукофотонида шудааст.

Дар асоси қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1991, №316 номи институт тағйир ёфта, он ба номи олиму омӯзгори шинохтаи тоҷик- Қандил Ҷӯраев гузошта шудааст.

Мутобиқи қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 августи соли 1992, №73-0 (А) Институти давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Қандил Ҷӯраев ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Қандил Ҷӯраев табдил дода шудааст.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 1997, №5 номи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанбе ба номи Қандил Ҷӯраев тағйир ёфта, он Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қандил Ҷӯраев номида шудааст.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2007, №192 ба номи Донишгоҳ боз тағйирот ворид шуда, он номи **«Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ»**-ро гирифтааст.

2. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба система ва ташкилотҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил гардида, муассиси он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва мақоми идораи он Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Муассис) аст.

3. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (минбаъд – Донишгоҳ) шахси ҳуқуқӣ буда, дорои балански мустақил, суратҳисоби ягонаи ҷорӣ (бо асъори миллӣ ва хориҷӣ) дар муассисаҳои бонкии давлатӣ ва тиҷоратии қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамчунон соҳиби мӯҳр, бланка бо Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҳуқуқи сабти номи худро бо забони давлатию русӣ дорад. Донишгоҳ ҳуҷҷатгузорӣ, ҳисобдории давлатӣ ва амсоли онҳоро мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

4. Фаъолияти Донишгоҳ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва маблағҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешавад.

5. Донишгоҳ дар мувофиқа бо Муассис барои пешбурди фаъолияти байналмилалии гуманитарӣ ва иқтисодии берунӣ ҳуқуқ дорад ва

метавонад филиалҳо ва намояндагиҳои худро дар ҷумҳурӣ ва хориҷ аз он таъсис диҳад.

6. Донишгоҳ фаъолияти худро мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», кодексҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамин Оинннома ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ мегардонад.

7. Санадҳои дохилӣ (локалӣ), ки самтҳои алоҳидаи фаъолияти Донишгоҳро ба танзим медароранд дар асоси ҳамин Оиннома таҳияву тасдиқ гардида, мавриди амал қарор мегиранд ва иҷрои онҳо ба ҳайати роҳбарикунанда, профессорону омӯзгорон, кормандони техникию ёрирасон ва таълимгирандагони Донишгоҳ ҳатми мебошад.

8. Донишгоҳ аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо маблағҳои пулии дар ихтиёраш буда масъул мебошад. Дар мавриди нарасидани маблағҳои Донишгоҳ аз рӯи моддаҳои хароҷот тибқи муқаррароти мавҷуда Муассис масъулияти онро бар дӯши худ мегирад.

9. Номи расмии Донишгоҳ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чунин мебошад:

- бо забони тоҷикӣ - **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ»**;

- бо забони русӣ - Государственное образовательное учереждение «**Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни**»;

- бо забони англисӣ – A State educational institution «**Tajik state pedagogical university named by Sadriddin Aini**».

10. Суроғаи ҳуқуқии «**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**» ба таври зайл аст: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: (992-37) 224-13- 83, Факс: (992-37) 224.13.83; сомона: www.tgpu.tj Почтаи электронӣ E-mail: ddot@tgpu.tj.

## 2. СОҲИБИХТИЁРӢ ВА ОЗОДИҲОИ АКАДЕМИИ ДОНИШГОҲ

11. Донишгоҳ дар доираи Стандарти давлатии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намуда, ба ҳар як иштирокчии илмию академии худ ҳуқуқи интихоби навъи таълим,

усулҳои тадрис ва машғул шудан ба корҳои илмӣ - таткиқотиро кафолат медиҳад ва барои истифодаи озодонаи ахбори зарурӣ дар ҷараёни таълим ва тадкиқоти илмӣ замина фароҳам меоварад.

12. Донишгоҳ тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» соҳибихтиёр буда, мустақилона қарорҳо қабул менамояд ва фаъолиятҳоеро, ки аз Оинномаи мазкур бармеоянд, амалӣ мегардонад.

13. Дахолати мақомоти идоракунии давлатӣ ба фаъолияти таълимӣ, илмӣ, хоҷагӣ ва дигар самтҳои фаъолияти Донишгоҳ танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

14. Донишгоҳ комплекси таълимӣ, илмию истеҳсолӣ ва хизматрасонии Муассис ба шумор рафта, метавонад **дар бахши таълим**: мактаби таҳсилоти умумӣ, литсейҳо, коллеҷҳо, марказҳои таълимӣ-омӯзишӣ; **дар бахши илмӣ-таҳқиқотӣ**: бизнес-инкубаторҳо, марказҳои илмӣ-инноватсионӣ, пажӯҳишгоҳҳои тадқиқотӣ-илмӣ; **дар бахши истеҳсолӣ**: паркҳои технологӣ, корхонаҳои хурди таълимӣ-истеҳсолӣ ва дигар намудҳои хизматрасониро дар мувофиқа бо Муассис ташкил намояд.

15. Соҳибихтиёрӣ ва озодиҳои академӣ шарти зарурӣ барои кафолати иҷрои уҳдадориҳои Донишгоҳ махсуб мeёбанд.

16. Донишгоҳ дар интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, фаъолияти таълимӣ, илмӣ, истеҳсолӣ, молиявӣ, хоҷагдорӣ ва дигар самтҳои фаъолияти худ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур мустақил мебошад.

17. Донишгоҳ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияи таҳсили фосилавиро ҷиҳати татбиқи барномаҳои таълимӣ қисман ё дар ҳаҷми пурра истифода менамояд.

18. Донишгоҳ дар мувофиқа бо Муассис раванди таълимро дар асоси Стандартҳои давлатии таҳсилот ва низоми кредитии таҳсилот ташкил ва ҷорӣ менамояд.

19. Соҳибихтиёрӣ шакли муҳимтарини ташкили раванди таълим ва тадбирҳои академӣ буда, масъулияти давлатии Донишгоҳро дар назди Муассис муайян менамояд.

20. Муассис дар доираи ваколатҳои худ иҷрои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, риояи замимаи иҷозатномаҳо, инчунин фаъолияти таълимӣ, илмӣ, истеҳсолӣ, инноватсионӣ ва молиявию хоҷагии Донишгоҳро тибқи талаботи Оинномаи мазкур назорат менамояд ва санҷиш мебарад.

21. Муассис дар ҳудуди салоҳияти худ барои пешбурди фаъолияти таълимии Донишгоҳ пас аз гузаронидани аттестатсия ва аккредитатсияи

давлатӣ ба он Иҷозатнома ва Шаҳодатнома оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимиро пешниҳод менамояд ва дар давраи муҳлати амал риояи онҳоро назорат мекунад.

22. Донишгоҳ ба ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ ва донишҷӯёни худ озодиҳои академӣ дода, дар интихоби усулҳои таълим дар доираи барномаҳои таълимӣ имконият фароҳам меоварад ва барои озодона интихоб кардани мавзъуҳои илмӣ - тадқиқотӣ ва татбиқи онҳо шароит муҳаё менамояд ва ҳамчунин ба донишҷӯён дар доираи барномаҳои таълимӣ барои интихоби фан, мавзӯъ, гузаронидани таҷриба ва тадқиқоти илмӣ, истеҳсолӣ ва инноватсионӣ озодиҳо муқаррар менамояд.

23. Донишгоҳ бо мақсади аз аккредитатсияи ҷамъиятӣ гузаштан ҳуқуқи ба мақомотҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналмилалӣ муроҷиат намуданро дорад.

24. Соҳибихтиёрии Донишгоҳ дар фаъолиятҳои зерин инъикос меёбад:

- мувофиқи Оинномаи мазкур ҳуқуқи қабули қарорҳо ва иҷрои онҳоро, ки ба қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунанд, дорад;

- сохтори худро дар мувофиқа бо Муассис мустақилона муайян менамояд, мақомоти идорӣ ва назоратии худро ташкил медиҳад;

- раванди таълим, илм, инноватсия, молия, хоҷагидорӣ ва шаклҳои дигари фаъолиятро мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад;

- дар асоси шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии ватанӣ ва хориҷӣ, Академияи таҳсилот, Академияи илмҳо, муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳо, корхонаҳо ҳамкориро ба роҳ монда, дар тайёр намудани мутахассисон, табодули онҳо, пешбурди корҳои илмӣ, фаъолияти фарҳангӣ, ташкили конфронсу семинарҳо, симпозиумҳо ва хизматрасониҳои ройгон ва ғайриройгон ҳамкорӣ менамояд;

- воҳиди кории кормандон, иқтидори илмӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, аз ҷумла, ҳайати омӯзгорон ва кормандони илмӣ, вазифа ва уҳдадории деканҳои факултетҳо ва мудирони кафедраҳо, сардорони шӯъбаҳои гуногуни таълимӣ ва илмӣ (марказҳо, шӯъбаҳо, бахшҳо, лабораторияҳо, парки технологӣ ва агролабаратория) ва инчунин ҳайати роҳбарикунандаи Донишгоҳро муайян менамояд;

- самтҳо ва тартиби истифодабарии маблағҳои буҷетӣ ва дигар манбаъҳои ғайрибуҷетии ба суратҳисоб воридшударо бо назардошти ҳиссаи ба музди меҳнат сарфшаванда, мустақилона дар доираи

Оинномаи мазкур муайян ва мавриди истифода қарор медиҳад;

- шакл ва андозаи маоши кормандонро берун аз ҳисоби маоши буҷетӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус муайян ва таъмин менамояд;

- Донишгоҳ муассиси маҷаллаи «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ», «Навруста», «Муҳаққиқ» ва рӯзномаи «Омӯзгори ҷавон» мебошад, инчунин дар мувофиқа бо Муассис тибқи қонунгузории ҷорӣ ва Оинномаи мазкур метавонад муассиси дигар воситаҳои ахбор низ бошад;

- Донишгоҳ дорои матбаа ва дармонгоҳи тиббӣ мебошад;

- нақша ва барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, нақша ва барномаҳои таълимии таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро аз рӯи як ё якчанд равия, ихтисос ва самтҳои ҷудогона амалӣ менамояд;

- такмили ихтисоси кормандон ва бозомӯзии онҳоро дар ҷодаи муайяни фаъолияти касбӣ ба роҳ мемонад ва курсҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати касбомӯзӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисосро ташкил менамояд ва дар мувофиқа бо Муассис ҳуҷҷати намунаи давлатӣ медиҳад;

- тадқиқоти илмии бунёдӣ ва амалӣ мебарад.

25. Озодиҳои академӣ дар Донишгоҳ бо принсипҳои зерин асос меёбанд:

- истифодаи самарабахши нерӯи зеҳнӣ бо мақсади афзун гардонидани саҳми Донишгоҳ дар тайёр намудани кадрҳои илмӣ, илмию омӯзгорӣ барои эҳтиёҷоти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа;

- демократикунонии ташкилу идораи ҷараёни таълим, фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, ташкилӣ ва тарбиявӣ;

- таъмини равобити муътадили таълим ва тадқиқоти илмӣ-инноватсионӣ;

- таъмини иҷро ва риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мустаҳкам намудани низоми давлатӣ.

## 3. ПРЕДМЕТИ ФАЪОЛИЯТ, ВАЗИФА, ҲУҚУҚ ВА СОХТОРИ ДОНИШГОҲ

26. Донишгоҳ фаъолияти таълимии худро дар асоси барномаҳои асосии таҳсилот, нақшаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, аз рӯи равия, ихтисос ва самтҳои гуногун вобаста ба мӯҳлат ва давраи таҳсилашон, ки азхудкунии онҳо бо додани дипломҳои шакли муқарраргардида баъди хатм тасдиқ карда мешаванд, амалӣ менамояд.

27. Фаъолияти Донишгоҳ ҳамчун муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ барои тайёр намудани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбии самти омӯзгорӣ ва ғайриомӯзгорӣ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он равона карда мешавад.

Донишгоҳ вобаста ба заминаи моддӣ-техникии худ аз рӯи равия, ихтисос ва самтҳои муайян дар зинаи бакалавр, мутахассис, магистр, доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисос мутахассис омода менамояд.

28. Донишгоҳ тибқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Муассис метавонад парки технологӣ, бизнес инкубаторҳо, корхона ва сехҳои хурди таълимӣ - истеҳсолӣ ва ё дигар марказҳои таълимӣ-омӯзишӣ, илмию истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ таъсис диҳад ва талаботи мардумро бо ҳар гуна молу маҳсулот ва хизматрасониҳои гуногуни таълимию илмӣ қонеъ гардонад. Донишгоҳ чунин шакли фаъолиятро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди гирифтани Иҷозатнома ва ё розигии Муассис амалӣ менамояд.

Донишгоҳ шаклҳои дигари фаъолиятро, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, мустақилона бо қарори Шӯрои олимон дар мувофиқа бо Муассис ташкил менамояд.

29. **Вазифаи асосии Донишгоҳ аз инҳо иборат мебошад:**

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро иҷро менамояд;
- талаботи шахсро бо роҳи ба даст овардани таҳсилоти олии касбӣ дар зинаи бакалавр, мутахассис, магистр, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос ва ё таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ қонеъ мекунад;
- ба воситаи пешбурди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва фаъолияти эҷодии кормандони илмию омӯзгорӣ ва таҳсилкунандагон рушди фаъолияти илмӣ - инноватсиониро таъмин намуда, натиҷаҳои ҳосилшударо дар ҷараёни таълим ва истеҳсолот амалӣ мегардонад;
- омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони дорои таҳсилоти олии касбӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ, кормандони илмию омӯзгории баландихтисос ва дигар эҳтиёҷмандонро дар мувофиқа бо Муассис ба роҳ мемонад;
- дар зеҳни таълимгирандагон асосҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ташаккул дода, барои дар шароити муосир кору фаъолият намудани онҳо замина фароҳам меоварад;
- дар тафаккур ва ҷаҳонбинии таълимгирандагон арзишҳои ахлоқӣ, фарҳангӣ, миллӣ ва умумибашариро ҷой дода, онҳоро барои ҳифз ва нигаҳдории сирри давлатӣ омода мегардонад;
- барои густариши дониши таълимгирандагон ва баланд бардоштани сатҳи маърифати онҳо талош менамояд;

- барои таҷрибаомӯзии таълимӣ, саҳроӣ, истеҳсолӣ ва омӯзгории донишҷӯён шароити мусоид фароҳам меоварад;

- барои гузаронидани таълими назариявӣ, корҳои амалию таҷрибавӣ, фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, ки ба раванди таълим зич алоқаманд мебошанд, замина фароҳам меоварад;

- барои паҳн намудани донишу малакаи муосири иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, тиббӣ, биологӣ, экологӣ ва дигар дастовардҳои илмӣ-инноватсионӣ талош намуда, дар баланд бардоштани сатҳи ҷаҳонбинии умумӣ, сиёсӣ ва фарҳангии таълимгирандагон бо татбиқ намудани қоидаҳои низоми кредитии таҳсилот тадбирҳо меандешад;

- барои таълиф, таҳия ва нашри асарҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, дастурҳои методӣ, барномаҳои таълимӣ, силлабусҳо, барномаи корӣ аз рӯи таълими фанни алоҳида ва дигар маводи таълимиву методӣ ва илмӣ мусоидат менамояд;

- мутахассисонро дар зинаи бакалавр, мутахассис, магистр, доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос, дар дараҷаҳои номзад ва докторҳои илм омода менамояд;

- барои рушди технологияи муосир ва ҷорӣ намудани он ба раванди таълим ва истеҳсолоти таълим замина фароҳам меоварад, инчунин дар ҷараёни таълим аз технологияи инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ, интернет, таълими инноватсионӣ ва таҳсили фосилавӣ истифода менамояд;

30. Ба сохтори Донишгоҳ воҳидҳои таълимӣ, методӣ, илмӣ, хоҷагӣ, истеҳсолӣ, ёрирасон ва ғайра дохил мешавад, ки онҳо дар асоси «Қоидаҳои тартиби дохилии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (минбаъд Қоидаҳои тартиботи дохилӣ), низомномаҳо ва дастурамалҳое, ки аз тарафи Шӯрои олимон ва ректори Донишгоҳ тибқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд, амал мекунанд.

Донишгоҳ бо ризояти Муассис воҳидҳои сохтории худ марказҳои илмӣ-инноватсионӣ, корхона ва сехҳои илмӣ истеҳсолӣ, парки технологӣ, агробиолабораторӣ, бизнес-инкубаторҳо, филиалҳо, коллеҷҳо, шӯъбаҳо, намояндагиҳо, марказҳои таълимӣ-касбомӯзӣ, муассисаи томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, литсейҳо ва дигар сохторҳои худро, ки онҳо баланси якҷоя ва ё алоҳида доранд, ташкил менамояд ва барои фаъолияташон шароити мусоид фароҳам меоварад.

31. Дар сохтори Донишгоҳ созмон додани ҳизбҳо ва дигар ташкилоти сиёсии ба он баробар манъ аст.

32. Дар сохтори Донишгоҳ бо мақсади ҳимояи манфиати кормандон ва таълимгирандагон иттиҳодияҳои ҷамъиятии кормандон, ҳайати

профессорону омӯзгрон ва таълимгирандагон, клубҳои илмӣ, конструкторӣ, мубоҳисавӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ, эҷодӣ, варзишӣ, марказҳои илмӣ-инноватсионӣ, марказҳои хайриявию эҳсонкорӣ, махфилҳо ва дигар сохторҳо ташкил карда мешавад, ки муносибати онҳо дар асоси низомномаҳое, ки Шӯрои олимон ба тасвиб мерасонад ва шартномаи тарафайн бо маъмурияти Донишгоҳ муайян карда мешаванд.

33. Дар сохтори Донишгоҳ Шӯрои олимон, Шӯрои методӣ, комиссияҳои илмию методӣ, марказхои илмӣ -техникӣ ва инноватсионӣ, инчунин дигар шӯроҳо таъсис дода мешавад.

34. Шӯрои олимони Донишгоҳ дар фаъолияти худ тавсия ва пешниҳодоти ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ба назар мегирад ва баррасӣ менамояд.

35. Донишгоҳ барои ноил гаштан бо мақсадҳои худ тибқи муқарррароти қонунгузории мавҷуда ҳуқуқ дорад:

- шаклҳои таълимро аз рӯи равияҳо, ихтисосҳо ва самтҳо мустақилона муайян созад;

- дар мувофиқа бо Муассис ҷузъҳои илмию таълимӣ, инноватсиониву технологӣ ва истеҳсоливу таҷрибавӣ аз ҷумла, пажӯҳишгоҳҳо, филиалҳо, марказҳо, коллеҷҳо, мактабҳо, литсейҳо, шуъбаҳо, факултетҳо ва курсҳои махсуси таҳсилоти иловагӣ, марказҳои ҳисобдорӣ, илмӣ-истеҳсолӣ, илмӣ инноватсионӣ, китобхонаҳо инчунин бахши истеҳсолӣ, комплекси таълимӣ, хизматрасонӣ, намояндагиҳо, шӯъбаҳо, клубҳо, махфилҳо ва мақомоти назоратии дохили Донишгоҳиро таъсис ва барҳам диҳад.

- зинаи бакалавриатура, магистратура, шуъбаи аспирантура ва докторантураро таъсис диҳад, вазифаҳои шунаванда, муҳаққиқ-унвонҷӯ, ходими илмӣ ва коромӯзро муайян ва ҷорӣ намояд, инчунин дигар воҳидҳои сохтории Донишгоҳро тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам диҳад;

- бо мақсади истифодаи қобилияти зеҳнии ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён сохтори ташкилӣ, идоравӣ ва ҳавасмандгардонии меҳнатиро муқаррар намояд;

- Ҷадвали воҳиди кории ҳайати шахсии Донишгоҳ ва дигар шахсони ба таълим ва кору фаъолияти гуногун ҷалбшударо мустақилона дар доираи захираи музди меҳнат муқаррар ва дар мувофиқа бо Муассис тасдиқ намояд;

- аз ҳисоби омӯзгорон, кормандони илмию таълимӣ, инчунин дигар кормандони Донишгоҳ ҷиҳати ишғоли вазифаҳои омӯзгори калон, дотсент, профессор ва мудири кафедра имтиёзҳои дохилӣ муқаррар намояд;

- дарачаи доктори фахрӣ ва унвони профессори фахриро тибқи муқаррароти ҷорӣ, бо қарори Шӯрои олимон ва фармоиши ректор таъсис диҳад ва дар асоси Оинномаи мазкур шахсиятҳои маъруфи илмӣ, сиёсӣ, фарҳангии ватанӣ ва хориҷиро сарфароз гардонад;

- тайёр намудани мутахассисонро аз рӯи равияҳо, ихтисосҳо ва самтҳо вобаста ба шаклҳои таҳсили рӯзона, ғоибона ва фосилавӣ ба роҳ монад;

- истеҳсоли молҳои истеъмолии халқ, маҳсулоти истеҳсолию техникиро дар доираи хизматрасониҳои алоҳида тибқи тартиботи муқарраргардида ба роҳ монад;

- ба муасиссаҳои илмию таълимӣ, корхонаҳо, иттиҳодияҳо, ташкилотҳо ва ё муассисаҳои байналхалқӣ, ки манфиатҳои умумии тайёр кардани мутахассисон, корҳои таълимӣ, тадқиқотҳои илмӣ - методӣ, такмили ихтисос, таҷрибаомӯзӣ ва дигар шаклҳои фаъолиятро ба роҳ мемонанд, ҳамкорӣ намояд;

- амволе, ки аз ҷониби Муассис ба вай вобаста карда шудааст, мувофиқи таъиноташон соҳибӣ ва ихтиёрдорӣ намояд;

- амволе, ки дар натиҷаи фаъолияти таълимӣ, илмӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ба даст медарорад, ихтиёрдорӣ намояд;

- мол ва воситаҳое, ки дар натиҷаи истифодабарӣ таъиноти худро гум кардаанд ё корношоям шудаанд, аз эътибор соқит намояд;

- дар муассисаҳои қарздиҳӣ (бонкҳо) суратҳисоб, ҳисобҳои ҷорӣ, арзӣ ва ғайра кушода, аз онҳо қарз гирад ва дигар ҳамкориҳоро ба роҳ монад;

- воситаҳои иҷтимоӣ, табобатию варзишӣ, табобатгоҳҳо, осоишгоҳҳо, муассисаҳои фарҳангӣ, агробиолабораторияҳо ва дигар хоҷагиҳои ёрирасон дошта бошад;

- дар сохтори худ метавонад марказҳои таълимӣ, истеҳсолӣ, илмӣ, хизматрасонӣ, инчунин марказҳои таҳсилоти фосилавӣ, фарогир ва нуқтаҳои консултатсионии минтақавӣ, литсейҳои касбӣ техникӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус, марказҳои такмили ихтисос, таълимӣ-касбомӯзӣ ва бозомӯзии мутахассисонро таъсис ва ё барҳам диҳад;

36. Таъсисдиҳӣ ва барҳам додани ҷузъҳои таълимӣ ва сохтору зерсохторҳои Донишгоҳ аз ҷониби худи Донишгоҳ бо қарори Шӯрои олимон амалӣ мешавад.

## 4. ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ, МЕТОДӢ ВА
## 5. ИЛМИИ ДОНИШГОҲ

37. Дар Донишгоҳ вобаста ба мӯҳлат ва зинаю дараҷаи тайёрии касбии мутахассисон барномаҳои гуногуни таълимии таҳсилоти олии касбӣ, миёнаи касбӣ, барномаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва бозомӯзии мутахассисон амалӣ карда мешавад.

38. Самтҳои тайёркунӣ, азнавтайёркунии мутахассисон тибқи Иҷозатнома ва Шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ, ки ба Донишгоҳ аз ҷониби муассисаи ваколатдори давлатӣ дода мешавад, муқаррар карда мешавад.

39. Донишгоҳ дар ташкил ва гузаронидани раванди таълим, истифодаи технологияи нави инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ, шакл ва методҳои пешқадами таълим мустақил буда, баҳри баланд бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисон вобаста ба талаботи бозори меҳнат кӯшиш менамояд.

40. Забони таълим дар Донишгоҳ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» ва «Дар бораи маориф» бармеояд, муайян карда мешавад.

41. Донишгоҳ нақшаҳои таълимии заминавӣ, корӣ, инфиродӣ ва ҷадвали дарсҳоро барои таълимгирандагон аз ҷумла, барои омӯзиши инфиродии таълимгирандагони алоҳида бо назардошти сатҳи тайёрии пешакӣ ва қобилияти онҳо тибқи таълими экстернат ва мувофиқи низомномаҳои мавҷуда таҳия ва тасдиқ менамояд.

42. Донишгоҳ бо роҳи ташкили мақсадноки ҷараёни таълим, интихоби шаклҳо, методҳо, воситаҳои таълим шароити заруриро барои аз худ кардани барномаҳои таълимии касбии донишҷӯён муҳайё месозад.

43. Мазмуни таълим дар самтҳо, равияҳо ва ихтисосҳо тавассути нақшаҳои таълимие, ки дар Шӯрои олимони Донишгоҳ тасдиқ шудааст ва аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст, муайян карда мешавад.

Донишгоҳ бо назардошти қобилият ва омодагии пешакии таълимгирандагон мустақилона нақшаҳои таълимӣ ва ҷадвали раванди таълимро барои таълими инфиродии онҳо мутобиқи низоми кредетии таҳсилот ва талаботи экстернат, ки онро мақомоти ҷумҳуриявии идораи маориф муайян кардааст, таҳия ва тасдиқ менамояд;

44. Донишгоҳ усулҳои пешқадам ва фаъоли раванди таълимро аз рӯи самтҳо, равияҳо, ихисосҳо дар асоси нақшаҳои амалишаванда муайян мекунад.

45. Ба дигар корҳо (ба истисноии корҳои ҷамъиятии фоиданок) ҷалб намудани донишҷӯёну шунавандагон манъ аст.

Инчунин истифода ва татбиқи усулҳои ғайрибашарии таълимие, ки ба ҳаёт ва саломатии инсон таҳдид мекунад, манъ аст. Донишгоҳ дар интихоби низоми кредитии таҳсилот, низоми баҳогузорӣ, холгузорӣ, шаклҳои таълим, тартиби гузаронидани машғулиятҳо дар озмоишгоҳҳо, фаъолият дар устохонаҳо, парки технологӣ, аттестатсияи донишҷӯён ва шунавандагон мустақил мебошад.

46. Дар Донишгоҳ намудҳои зерини машғулиятҳои таълимӣ: лексия, семинар, машғулияти амалӣ, корҳои лабораторӣ, таҷрибавӣ, кори санҷишӣ, кор дар устохона, дар паркҳои технологӣ, коллоквиум, бозиҳои таълимӣ, корҳои мустақилонаи донишҷӯ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, мусоҳибаҳо, таҷрибаомӯзӣ, танзими нақшаи лоиҳасозӣ, реферат, эссе, кори курсӣ, рисолаи дипломӣ, рисолаи хатми зинаи бакалавр, рисолаи хатми зинаи магистр, рисолаи докторӣ аз рӯи ихтисос ва рисолаи хатми доктори фалсафа (PhD), инчунин дигар машғулятҳо ва корҳои таълимие, ки ба усулҳои наву фаъоли таълим вобаста мебошанд, муқаррар карда мешавад.

47. Соли таҳсил ба ду давраи таълимӣ тақсим мешавад, ки бо ду шаклҳои назорати марҳалавӣ, як шакли назорати ҷамбастӣ ва триместр хотима меёбад. Соли таҳсил мутобиқи мӯҳлатҳои дар нақшаҳои таълимии заминавӣ нишондодашуда оғоз ва анҷом меёбад.

Соли таҳсил дар шакли таҳсили ғоибона ва фосилавӣ бошад, дар асоси нақшаҳои таълимие, ки барои ин шакли таҳсилот бо қарори Шӯрои олимон дар мувофиқа бо Муассис тасдиқ шудаанд, муқаррар карда мешавад ва давраи сессияи санҷишӣ, имтиҳонӣ ва ё байнидавравӣ мувофиқи ҷадвали дарсҳо сурат мегирад.

48. Ҳаҷми машғулиятҳои таълимӣ, машғулиятҳои ҳатмии аудиторӣ дар як ҳафта барои донишҷӯ тибқи низоми кредитии таҳсилот, ки аз ҷониби Муассис муқаррар карда шудааст, амалӣ мегардад.

49. Барои донишҷӯёни таҳсили рӯзона дар давоми соли таҳсил на камтар аз ду маротиба таътил муқаррар карда мешавад. Давомнокии таътил мувофиқи ҳафтаҳои таъинамудаи нақшаҳои заминавии тасдиқшудаи таълимӣ ва тақвими академӣ муайян карда мешавад.

50. Ташкил ва назорати раванди таълим аз тарафи қисми таълим таҳти роҳбарии муовини ректор оид ба корҳои таълими сурат мегирад.

Сохтор ва вазифаҳои воҳидҳои сохтории қисми таълим бо низомномаҳое, ки аз тарафи Шӯрои олимон ва Ректори Донишгоҳ тасдиқ шудааст, муайян карда мешавад.

51. Донишгоҳ баробари кори таълим, кори тарбиявиро амалӣ месозад ва он дар фаъолияти якҷояи таълимӣ, илмӣ, эҷодӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятии омӯзгорон ва донишҷӯён татбиқ карда мешавад. Назорати корҳои тарбиявиро дар Донишгоҳ муовини ректор оид ба корҳои тарбия, бахши тарбия, фарҳанг, садорати факултетҳо, муовинони декан оид ба тарбия, созмонҳои ҷамъиятӣ ва дигар сохторҳои марбута дар асоси низомномаҳое, ки бо қарори Шӯрои олимон тасдиқ шудаанд, таъмин мекунанд.

52. Дониш, малака ва маҳорати донишҷӯён дар ҳуҷҷатҳои таҳсилот (дафтарчаи имтиҳонӣ, варақаи санҷишӣ, варақаи имтиҳонӣ,

маълумотномаи академӣ (транскрипт), замимаи диплом ва дигар санадҳо) тибқи талаботи низоми кредитии таҳсилот муайян карда мешавад.

53. Дар Донишгоҳ таҳсил баъд аз аттестатсияи ниҳоии ҷамъбастии таълимгирандагон ва дифои рисолаи хатм (бакалаврӣ, дипломӣ, магистрӣ) азхудкунии барномаи асосии таҳсилот аз рӯи ихтисос ва иҷрои нақшаи заминавии таълим ба итмом мерасад.

54. Гузаронидани донишҷӯ аз курс ба курс бо фармоиши ректори Донишгоҳ дар асоси натиҷаҳои соли таҳсил ва дар пояи иҷрои талаботҳои меъёрие, ки дар нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ, баронмаҳои корӣ аз рӯи таълими фанни алоҳида, силлабусҳо ва дигар санадҳои таълимие, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардиданд, на дертар аз фарорасии соли таҳсили нав амалӣ карда мешавад.

55. Барои донишҷӯёне, ки дар давраҳои асосии сессияи санҷишию имтиҳонӣ баҳои ғайриқаноатбахш ва ё «ноком» мегиранд, тибқи низоми кредитии таҳсилот бо пардохти маблағи кредитҳо аз рӯи тақсимоти махсусе, ки аз ҷониби Шӯрои олимон муқаррар мегардад, давраи иловагӣ (триместр) ташкил карда мешавад.

Донишҷӯёне, ки аз се ва зиёда фани ҳатмии нақшаи таълимии заминавии ихтисос қарздор мешаванд, аз Донишгоҳ хориҷ карда мешаванд.

56. Донишҷӯёне, ки бо сабабҳои узрнок (беморӣ, даъват ба чорабиниҳои ҳарбӣ, карантин ва ғайраҳо) аз натиҷаи соли таҳсил баҳои ғайриқаноатбахш ва ё «ноком» мегиранд, барояшон ҷадвали алоҳидаи баргузории санҷишу имтиҳон муқаррар карда мешавад.

57. Донишҷӯёне, ки талаботи нақшаи таълимиро аз рӯи ихтисос ва равияи муайян пурра иҷро менамоянд, ба аттестатсияи ниҳоии давлатӣ роҳ дода мешаванд ва дар натиҷаи бомуваффақият супоридани имтиҳоноти давлатӣ ва дифои рисолаи хатм ба онҳо тахассуси олии касбӣ аз рӯи дараҷаи «бакалавр», «мутахассис», «магистр», «доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос» ва ҳуҷҷати намунаи давлатӣ (диплом) дар хусуси зинаи таҳсилоти олии касбӣ дода мешавад.

58. Ба донишҷӯёне, ки дар Донишгоҳ муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда, дастовардҳои таълимии онҳо аз фанҳои дар нақшаи таълимии ихтисос нишондодашуда на камтар аз 75% баҳои «аъло» ва боқимондааш баҳои «хуб» мебошанд, инчунин имтиҳони давлатиро бо баҳои «аъло» ҷамъбаст намудаанд, ба онҳо бо қарори Комиссияи аттестатсионии давлатӣ «дипломи аъло» дода мешавад.

Донишҷӯёне, ки сазовори дипломи аъло мегарданд ва хоҳиши пешбурди фаъолияти илмӣ - тадқиқотиро доранд, бо қарори Комиссияи аттестатсионии давлатӣ барои таҳсил дар зинаҳои магистратура ва

аспирантура ба ҷойҳои ройгон тавсия дода мешаванд.

59. Донишҷӯёне, ки дар ҷараёни таълиму тарбия кӯшишу ғайрати хуб нишон дода, бо баҳои хубу аъло таҳсил намудаанд ва рағбати пеш бурдани корҳои илмӣ - тадқиқотиро доранд, барои таҳсил ба зинаҳои магистратура ва аспирантура дар озмун ширкат намуда, ҳуқуқи ба тариқи ройгон ва ғайриройгон таҳсил карданро пайдо мекунанд.

60. Донишҷӯёне, ки имтиҳони давлатӣ ва ё рисолаи хатмро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо баҳои ғайриқаноатбахш ҷамъбаст мекунанд, дар соли таҳсили ҷорӣ такроран ба имтиҳон ва ё баррасии рисолаи хатм роҳ дода намешаванд ва ба онҳо танҳо маълумотнома оид ба хатми Донишгоҳ, ки намунаи онро Шӯрои олимон тасдиқ мекунад, дода мешавад.

61. Таълимгирандагоне, ки дар зинаи бакалавриатура омӯзишро на камтар аз ду сол аз рӯи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и мувофиқ ба итмом расонидаанд ва аз аттестатсияи фосилавӣ бо муваффақият гузаштаанд, таҳсилашон таҳсилоти олии касбии нопурра шуморида шуда, ба онҳо маълумотномаи академӣ (транскрипт), ки намунаашро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, дода мешавад.

62. Ба донишҷӯёни аълохони шакли таҳсили рӯзона, ки дар ҷодаи таълиму тарбия ба муваффақият ноил гаштаанд, дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона ширкат меварзанд, лоиҳаҳои илмӣ ва инноватсионӣ таҳия мекунанд, стипендияҳои Президентӣ ва номӣ дода мешавад. Андозаи стипендияҳои номӣ аз тарафи Донишгоҳ бо назардошти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои басташуда бо сарпарастон муқаррар карда мешавад. Вале андозаи он аз андозаи муқарраркардаи давлат набояд кам бошад.

Ба донишҷӯёни фаъол, ки санҷишу имиҳонотро ҷамъбаст кардаанд, баҳои ғайриқаноатбахш надоранд, дар корҳои илмӣ ва ҷамъиятӣ шикат менамоянд, инчунин ятимони кулл ва нимятим мебошанд стпендия таъин карда мешавад.

63. Ба донишҷӯёни таҳсилоти рӯзона ва ғоибона, ки ба хобгоҳ ниёз доранд, мувофиқи фонди манзил онҳо бо ҷойи хоб таъмин карда мешаванд. Ҷойи хоб дар асоси аризаи донишҷӯ тибқи муқаррарот дода мешавад.

64. Барои хониши аъло ва иштироки фаъолона дар корҳои илмӣ, тадқиқотию ҷамъиятӣ ба донишҷӯён мувофиқи Қоидаҳои тартиботи дохилӣ чораҳои ҳавасмандкунии моддӣ ва маънавӣ татбиқ карда мешавад. Ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавии донишҷӯён дар асоси пешниҳоди деканони факултетҳо, мудирони кафедраҳо, раисони созмонҳои ҷамъиятӣ, роҳбарони сохторҳои алоҳида ва мавзӯъҳои илмию тадқиқотӣ дар асоси қарори Комиссияи ҳавасмандгардонӣ бо фармоиши ректори донишгоҳ сурат мегирад.

65. Ба таълимгирандагон ва шунавандагони Донишгоҳ барои риоя накардани бандҳои қонунҳои миллӣ, иҷро накардани нақшаҳои таълимӣ, вайрон кардани раванди таълим, зиёда аз 36 - соат ба дарс наомадан, риоя накардани «Дастурамали либосҳои тавсиявии донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (минбаъд Дастурамали либосҳои тавсиявӣ), ҳангоми дарс истифода бурдани телефони мобилӣ, зарар овардан ба моликияти Донишгоҳ, инчунин риоя накардани Қоидаҳои тартиботи дохилӣ, Қоидаҳои тартиби зист дар хобгоҳҳои донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (минбаъд Қоидаи зист дар хобгоҳ), қоидаҳои истифодабарии китобҳои китобхона ва уҳдадориҳои Оинномаи мазкур чораҳои интизомӣ то хориҷ намудан аз Донишгоҳ татбиқ карда мешавад.

66. Тартиби татбиқи чораҳои интизомӣ тибқи муқаррароте, ки бо қарори Шӯрои олимон тасдиқ мегардад, бо фармоиши ректори донишгоҳ дар асоси пешниҳоди деканони факултетҳо, мудирони кафедраҳо, раисони созмонҳои ҷамъиятии Донишгоҳ, созмонҳои ҷамъиятии факултетҳо ва дигар воҳидҳои таркибии Донишгоҳ сурат мегирад.

67. Таҷрибаи саҳроӣ, истеҳсолӣ ва омӯзгорӣ аз рӯи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Талаботи давлатӣ аз рӯи ихтисос ва равияи таълимӣ, ки бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ тасдиқ шудааст, дар асоси шартномаҳои тарафайни Донишгоҳ бо корхона, муассиса, ташкилотҳо ва ё мақомоти давлатӣ гузаронида мешавад.

68. Вазифаҳои асосии илмӣ-тадқиқотӣ дар Донишгоҳ аз инҳо иборат мебошанд:

- таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва татбиқи онҳо дар раванди таълим, илм ва истҳсолот;
- таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва бунёдӣ;
- таҳияи монографияҳо, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ;
- иҷрои корҳои дорои характери илмӣ ва илмӣ- методӣ;
- пешниҳод ва амалӣ намудани лоиҳаҳои мавзӯии давлатӣ дар раванди таълим, илм, истеҳсолот ва рушди техника ва технология;
- ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ дар рушди илм ва истеҳсолот.

69. Донишгоҳ корҳои илмию тадқиқотии худро аз рӯи лоиҳаҳо, нақшаҳо, барномаҳо, стратегияҳо ва консепсиҳои давлатӣ анҷом медиҳад ва барои ин мутахассисони баландихтисос, донишҷӯён, шунавандагонро ҷалб менамояд.

70. Донишгоҳ тадқиқотҳои бунёдӣ, ҷӯстуҷӯӣ ва амалиро, ки қисми таркибии тайёр намудани мутахассисони касбӣ мебошад, татбиқ менамояд.

## 5. СТАНДАРТИ ДАВЛАТӢ, ТАЛАБОТИ ДАВЛАТӢ, САЛОҲИЯТНОКИИ КАСБӢ, НАҚША ВА БАРНОМАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ ВА ТАҲСИЛОТИ КАСБИИ БАЪД АЗ МУАССИСАИ ОЛИИ ТАЪЛИМӢ ДАР ДОНИШГОҲ

71. Дар Донишгоҳ Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати стратегӣ дар раванди таълим ва тарбия амал намуда, дар асоси он Стандарти давлатии таҳсилот аз рӯи равия, ихтисос ва самтҳои таълим, Талаботи давлатӣ аз рӯи равия, ихтисос ва самтҳои таълим, Салоҳиятнокии касбӣ аз рӯи ихтисос, таҳия ва бо қарори Шӯрои олимон тасдиқ карда мешаванд ва Донишгоҳ аз рӯи ин равия, самт ва ихтисосҳо барои талаботи бозори меҳнат мутахассис омода менамояд.

72. Нақшаи таълимии заминавӣ аз рӯи равия, самт ва ихтисос низ дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ таҳия шуда, аз тарафи кафедраҳо ва факултаҳо пешниҳод мегардад ва бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ ба тасвиб расида, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва тасдиқ карда мешавад.

Нақшаҳои таълимии корӣ, нақшаҳои таълимии инфиродӣ дар асоси нақшаи таълимии заминавӣ, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шӯрои олимони Донишгоҳ ба тасдиқ мерасанд, барои як сол аз тарафи садорати факултет таҳия шуда, аз ҷониби декани факултет дар мувофиқа ба Раёсати таълим ба имзо мерасанд ва амалӣ мегарданд.

73. Барномаҳои таълимӣ ва кории фан аз рӯи ихтисос, инчунин силлабусҳо дар асоси Стандарти давлатӣ ва нақшаҳои заминавии таълим, ки онҳоро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, таҳия шуда, аз ҷониби омӯзгорони кафедра мураттаб мегардад ва дар Шӯрои методии факултет ва Донишгоҳ баррасӣ шуда, бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ тасдиқ ва мавриди амал қарор дода мешаванд.

74. Барномаҳои таълимӣ, ва кориии фан аз рӯи ихтисос, силлабусҳо вобаста бо назардошти талабот ва имконияти таълимгиранда дар шаклҳои таҳсилоти рӯзона, ғоибона, шабона, фосилавӣ ва экстернат метавонанд фарқ дошта бошанд, ки онҳоро Шӯрои олимони Донишгоҳ тасдиқ мекунад.

75. Экстернат дар Донишгоҳ аттестатсияи шахсе мебошад, ки фанҳоро тибқи нақшаю барномаҳои таълимии алоҳида мустақилона аз рӯи ихтисоси интихобкардааш аз худ мекунад ва баъди супоридани санҷишу имтиҳонот бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз як курс ба курси дигар гузаронида мешавад.

Шакли таҳсили экстернат дар Донишгоҳ тибқи талаботи низомномаи тасдиқнамудаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

76. Шакли аз бар кардани нақшаю барномаҳои таълим дар Донишгоҳ вобаста ба зинаҳои таҳсилот муттасил амалӣ гардонда мешавад.

77. Мӯҳлати иҷрои барномаҳои асосии таҳсилот, нақшаю барномаҳои таълим дар Донишгоҳ вобаста ба зинаҳои таҳсилот чунин сурат мегирад:

- барои дарёфти дараҷаи бакалавр на камтар аз чор сол, агар ихтисос ҳамгиро бошад, на камтар аз панҷ сол;

- барои дарёфти дараҷаи мутахассис на камтар аз панҷ сол, ба истиснои ҳолатҳои алоҳида, ки қонунгузор пешбинӣ намудааст;

- барои дарёфти дараҷаи магистр на камтар аз ду сол;

- барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисос на камтар аз се сол.

78. Таълимгирандагоне, ки дар Донишгоҳ ҳуҷҷати намунаи давлатии зинаи бакалаврро соҳиб шудаанд, минбаъд ба тариқи ройгон ва ғайриройгон дар зинаи магистратура ҳуқуқи идомаи таҳсилро доранд.

79. Ба таълимгирандагоне, ки таҳсилро дар Донишгоҳ аз рӯи нақшаю барномаҳои таълими зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ анҷом медиҳанд, ба онҳо баъди аз аттестатсияи ниҳоӣ гузаштан ҳуҷҷат дар бораи зинаи таҳсилоти олии касбӣ дода мешавад.

80. Донишгоҳ ба хатмкунандагон дар бораи таҳсилоти марбута ҳуҷҷати намунаи давлатии дорои нишонаи расмии давлатии намунаи муқарраршударо медиҳад, ки шакли онро Муассис тасдиқ менамояд.

81. Донишгоҳ ҳуқуқи додани ҳуҷҷатҳои намунаи давлатиро дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ пас аз гузаштани аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ пайдо менамояд.

82. Донишгоҳ баъд аз хатми зинаҳои гуногуни таҳсилоти олии касбӣ ба таълимгирандагон намунаҳои зерини ҳуҷҷатҳоро дар асоси қарори Комиссияи аттестатсионии давлатӣ ва бо фармоиши ректор медиҳад:

- дипломи бакалавр;

- дипломи мутахассис;

- дипломи магистр;

- дипломи доктор аз рӯи ихтисос, доктори фалсафа (PhD);

- ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти олии касбии нопурра.

83. Донишгоҳ дар Шӯрои олимон бо тартиби муқарраршуда аз рӯи натиҷаи ҳимояи рисолаи илмӣ дипломи номзади илм ё дипломи доктори

илмро тасдиқ менамояд.

84. Донишгоҳ баъди хатми курсҳои гуногуни такмили ихтисос ба таълимгирандагон намунаи ҳуҷҷати давлатӣ ва ё шаҳодатнома медиҳад, ки намунаи онро Шӯрои олимон дар мувофиқа ба Муассис тасдиқ менамояд.

85. Намунаи ҳуҷҷатҳоеро, ки Донишгоҳ ба таълимгирандагон медиҳад, дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷ аз он эътибор доранд.

86. Назорати татбиқи Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Донишгоҳ аз тарафи Муассис амалӣ мегардад.

## 6. ИДОРА, НАЗОРАТИ ФАЪОЛИЯТ, ИҶОЗАТНОМАДИҲӢ, АТТЕСТАТСИЯ ВА АКРЕДИТАТСИЯИ ДОНИШГОҲ

87. Донишгоҳ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда идора карда мешавад.

88. Мақомоти идоракунандаи Донишгоҳ Шӯрои олимон ба ҳисоб меравад, ки раисии онро ректори донишгоҳ ба ӯҳда мегирад.

89. Шӯрои олимони Донишгоҳ дар ҳайати ректор (раис), муовинони ректор, деканони факултетҳо, роҳбарон ва мудирони воҳидҳои сохторӣ, инчунин дигар кормандони илмию омӯзгорӣ таъсис дода мешавад. Ректори Донишгоҳ метавонад дар ҳолатҳои зарурӣ вобаста ба зарурати истеҳсолӣ ҳайат ва миқдори аъзои Шӯрои олимонро тағйир диҳад.

Ташкили фаъолияти Шӯрои олимон ба зиммаи котиби илмии он гузошта мешавад. Ректор котиби илмии Шӯрои олимонро аз ҷумлаи аъзои Шӯрои олимон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

90. Тартиби кори Шӯрои олимон мувофиқи «Низомномаи Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ», ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ба роҳ монда мешавад.

91. Шакли асосии фаъолияти Шӯрои олимон ҷаласа мебошад. Ҷаласаи Шӯрои олимон дар сурати ҳузури аз се ду ҳиссаи аъзои Шӯро гузаронида мешавад ва қарорҳои он бо иштироки аз се ду ҳисса асосӣ эътибори ҳуқуқӣ пайдо менамояд ва иҷрои онҳо аз ҷониби ҳайати роҳбарикунанда, профессорон, устодону кормандон ва донишҷӯён ҳатмӣ мебошад.

92. Ба масъулон дар сурати сари вақт иҷро накардани қарорҳои Шӯрои олимони Донишгоҳ тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаҳои тартиботи дохилӣ, Шартномаи коллективӣ, низомномаҳои дахлдор ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз ҷониби Шӯрои олимон тасдиқ карда шудааст, муҷозоти интизомӣ татбиқ карда мешавад.

93. **Ваколатҳои Шӯрои олимон:**

- масълаи тасдиқ, ворид намудани тағйироту иловаҳо ва мавриди амал қарор додани Оинномаи мазкурро ҳал менамояд;

- масъалаҳои вобаста ба фаъолияти таълимӣ, илмӣ, инноватсионӣ, методӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ ва ғайраро баррасӣ намуда, қарорҳои дахдор ба тавсиб мерасонад. Инчунин номгӯи равияҳо, самтҳо, ихтисосҳоро муайян мекунад, нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, методӣ, илмӣ ва фарҳангиро тасдиқ мекунад, курсҳои омӯхташаванда, ҳаҷми соатҳои онҳоро муайян менамояд, шаклҳои назорати дониши донишҷӯён, вақти ягонаи оғоз ва анҷоми давраҳои таълим ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба тасвиб мерасонад;

- масъалаҳои такмили идорӣ ва сохтории Донишгоҳ, аз ҷумла, ташкил ва барҳамдиҳии марказҳо, паркҳо, сехҳо ва корхонаҳои хурди илмӣ-истеҳсолӣ, пажӯҳишгоҳҳо, факултетҳо, кафедраҳо, шуъбаҳо, лабораторияҳо ва дигар ҷузъҳои таълимӣ, илмӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасониро баррасӣ менамояд;

- масъалаҳои асосии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии Донишгоҳро ҳаллу фасл менамояд;

- ҷадвали воҳидҳои кориро баррасӣ намуда, низоми пардохти музди меҳнатро дар мувофиқа бо Кумитаи иттифоқи касабаи устодону кормандони Донишгоҳ тасдиқ мекунад.

- имтиёзҳои дохилиро барои ишғол намудани вазифаҳои муаллими калон, дотсент, профессор ва дигар кормандони илмию таълимӣ муқаррар ва татбиқ мекунад;

- низомнома оид ба фаъолияти илмии Донишгоҳ ва аттестатсияи онро тасдиқ мекунад;

- зинаи магистратура, докторантура (доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисос), аспирантура ва докторантураро таъсис медиҳад;

- мувофиқи тартиботи муқарраршуда, шуъбаҳо, намояндагиҳо, ихтисосҳо ва тахассусҳои навро боз менамояд;

- низомнома, дастурамал, қоида ва дигар санадҳои ба фаъолияти Донишгоҳ ва сохторҳои он алоқамандро тасдиқ менамояд;

- нақшаҳои дурнамо ва мавзӯи пажӯҳишҳои илмиро баррасӣ намуда, тасдиқ менамояд;

- низомномаи эътидоли вазифаҳои вакантии ҳайати профессорону омӯзгоронро тасдиқ мекунад;

- комиссияи тафтишотиро интихоб намуда, низомнома ва ҳисоботи онро тасдиқ мекунад;

- интихоби довталабонро ба тариқи озмун барои ишғоли вазифаҳои вакантии ҳайати профессорону омӯзгорон амалӣ мекунад.

- масъалаҳои тайёр кардани кадрҳо ва ҳавасмандкунии онҳоро

баррасӣ намуда, барои баланд бардоштани ихтисос, дохил шудан ба магистратура, докторантура аз рӯи ихтисос, аспирантура ва гузаронидани омӯзгорон ба вазифаи ходими илмӣ, таҷрибаомӯзӣ ҷиҳати анҷоми рисолаҳои номзадӣ, докторӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва омӯхтани таҷрибаи пешқадам дар зинаҳои таҳсилот тавсияҳо медиҳад;

- ҳайат ва хулосаи қарори комиссияҳо ва шӯроҳои доимию муваққатан амалкунандаро тасдиқ мекунад;

- масъалаи аз гурӯҳи ғайриройгон ба гурӯҳи ройгон гузаронидан, муайян кардани миқдори маблағи шартнома ва каму зиёд намудани фоизи муайяни маблағи шартномаи таҳсили донишҷӯёнро баррасӣ менамояд;

- масъалаҳои дигареро, ки қонунгузорӣ ба салоҳияти он мансуб намудааст, ҳал менамояд.

94. **Ректори Донишгоҳ:**

Ректори Донишгоҳ бо пешниҳоди муассис аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Ректори Донишгоҳ вобаста ба ҳамаи самтҳои фаъолияти донишгоҳ масъулият мебарад.

Ба ректори донишгоҳ ишғоли дигар вазифаҳои роҳбарикунанда, ба ғайр аз роҳбарии илмӣ, илмию методӣ дар дохили донишгоҳ ё берун аз он манъ аст. Ректор дар доираи салоҳияти худ фармоишҳо мебарорад, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ ҳатмӣ мебошад.

95. Ректори донишгоҳ барои ҳалли проблемаҳои фаврӣ Раёсати донишгоҳро ташкил менамояд. Ба ҳайати раёсат ректор, муовинони он, деканҳо, мудирони кафедраҳои ҷамъиятию умумидонишгоҳӣ, роҳбарони бахши таълим, илм, тарбия ва дигар масъулони донишгоҳ дохил шуда, бо фармоиши ректор тасдиқ карда мешавад ва он аз рӯи Низомнома, нақшаи корӣ фаъолияти воҳидҳои сохтории донишгоҳро назорат мебарад.

Шакли асосии фаъолияти раёсати донишгоҳ гузаронидани ҷаласаҳо ба шумор меравад. Ҷаласаҳои раёсат вобаста ба нақшаи корӣ аз тарафи ректори Донишгоҳ даъват карда мешавад.

96. **Ректори Донишгоҳ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои он:**

- ба Шӯрои олимони Донишгоҳ доир ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Оиннома, инчунин аз нав таҳрир кардани он таклифҳо пешниҳод менамояд;

- аз номи Донишгоҳ амал карда, бе ваколатнома манфиатҳои онро дар мақомоти давлатии идораи маориф, мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ, бонкҳо ва дар назди шахсони алоҳида ва ҳуқуқӣ ҳимоя менамояд;

- амвол ва маблағҳои пулии Донишгоҳро ихтиёрдорӣ месозад;

- шартномаҳо ба имзо расонида, ваколатнома медиҳад ва дар бонкҳои давлатӣ ва тиҷоратӣ суратҳисобҳои Донишгоҳро мекушояд;

- кормандони Донишгоҳро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд;

- дар доираи ваколатҳои худ амру фармоишҳо мебарорад, амалигардонии қарорҳои Шӯрои олимонро дар шакли фармоиш ба имзо мерасонад, ки иҷрои онҳо барои ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳ ҳатмӣ мебошад;

- арзу шикоятҳои ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандон, таълимгирандагон, падару модарон ва дигар шаҳрвандонро бо тартиби муқарраргардида мешунавад, амр ва фармоиш мебарорад ва ба аризаи хаттии онҳо раводид гузошта, дар мӯҳлатҳои муайянкардаи қонунгузорӣ онҳоро арзёбӣ карда, ба онҳо ҷавоб менависад ва имзо мегузорад;

- ба донишҷӯёни аз оилаҳои камбизоат, маъюбон, ятимони кулл, нимятим дар доираи муқарраროти мавҷуда кӯмаки моддӣ ва маънавӣ мерасонад ва миқдори маблағи шартномаи таҳсили онҳоро дар асоси муроҷиат ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳолати ҷойдошта ба таври истисно то 50 % фоиз барои як сол кам мекунад;

- барои хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯён фармоиш ба имзо мерасонад ва ҳолатҳои истисноии барқарор ва интиқоли донишҷӯёнро бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳолат ва дигар сабабҳои узрнок ҳал менамояд;

- доир ба қабули довталабон, интиқоли таълимгирандагон ва хатми онҳо фармоиш ба имзо мерасонад ва фаъолияти мутахассисони ҷавонро дар истеҳсолот баъд аз хатм тибқи тартиботи мавҷуда назорат мебарад;

- барои ҳавасмандгардонӣ ва муҷозотдиҳии устодону кормандон ва донишҷӯён тибқи қонунгузории ҷорӣ ва санадҳои дигари меъёрӣ фармоиш ба имзо мерасонад ва амалӣ шудани онҳоро назорат мебарад;

- дар доираи маблағҳои пешбинишуда ва воҳидҳои кории мавҷудбуда сохтор ва воҳидҳои кории Донишгоҳро тасдиқ менамояд ва барҳам медиҳад;

- қоидаҳо, дастурҳо, тартибҳо, низомномаҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии воҳидҳои сохтории Донишгоҳро баъд аз баррасӣ дар Шӯрои олимони Донишгоҳ тасдиқ менамояд;

- муовинонашро барои ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудан ба муассис пешниҳод менамояд;

- ҳайати роҳбарикунанда, устодону кормандон ва дигар роҳбарони воҳидҳои сохтории Донишгоҳро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод мекунад;

- кори Раёсатро ташкил карда, ба он роҳбарӣ мекунад ва барои амалӣ шудани қарорҳои он назорат мебарад;

- Шӯрои олимони Донишгоҳро ташкил намуда, ба он роҳбарӣ мекунад ва қарорҳои онро тасдиқ менамояд;

- ба Комиссияи олии аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ташкили Шӯроҳои диссертатсионӣ дар назди Донишгоҳ дархост пешниҳод менамояд;

- ҳисоботи семоҳа, шашмоҳа, нӯҳмоҳа ва солонаи Донишгоҳро ҳамасола ба Муассис пешниҳод менамояд;

- ваколатҳои дигаре, ки аз қонунгузории ҷорӣ ва Оинномаи мазкур бармеоянд, иҷро менамояд.

97. Дар Донишгоҳ ноибони ректор оид ба таълим, илм, тарбия, робитаҳои байналмиллалӣ, иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ амал мекунанд, ки фаъолияти зерсохторҳо, садорати факултаҳо ва кафедраҳоро дар доираи салоҳияти вазифавиашон назорат мебаранд, санҷишҳо мегузаронанд, маълумоту гузориш талаб мекунанд ва дигар ҳуқуқу уҳдадориҳояшонро ба тартиби муқарраршуда иҷро менамоянд.

98. Факултет ҷузъи сохтории Донишгоҳ буда, фаъолияти онро декан роҳбарӣ мекунад. Декани факултетро ректори Донишгоҳ дар мувофиқа бо Муассис аз ҷумлаи устодони унвони илмидошта ба муддати 4-сол ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

99. Ба вазифаи декани факултет тибқи Низомномае, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонидааст, номзади илм, дотсент ба муддати на зиёда аз як муҳлат, доктори илм, профессор ба муддати на зиёда аз ду муҳлат пайи ҳам таъин карда мешавад.

100. **Вазифаҳои декани факултет:**

- бевосита ба корҳои таълимӣ, тарбиявӣ, илмӣ, инноватсионӣ, методӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии факулта роҳбарӣ менамояд;

- иҷрои нақшаҳои таълим, нақшаҳои корӣ, нақшаҳои инфиродии омӯзгорон ва таълимгирандагони факултетро дар ҷараёни таълим назорат мекунад, барномаҳои таълим, барномаҳои корӣ аз рӯи фан, силлабусҳоро дар Шӯрои методии факултет баррасӣ менамояд ва баъди тасдиқ дар Шӯрои олимони Донишгоҳ татбиқи онҳоро дар факултет таъмин месозад;

- ҷадвалҳои дарсиро якҷоя бо масъулин тибқи нақшаҳои таълимӣ таҳия ва бо раёсати таълими Донишгоҳ мувофиқа карда, дар ҳамаи шаклҳои таълим ва зинаҳои таҳсилот иҷрои онҳоро назорат мебарад;

- иштироки донишҷӯёнро ба дарсҳо ва дигар машғулиятҳое, ки дар нақшаи таълимӣ пешбинӣ шудааст, ба ҳисоб мегирад, муҳлатҳои санҷишу имтиҳонсупориро муқаррар намуда, тибқи ҷадвали алоҳида ин равандро ташкил ва бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ таъмин менамояд;

- оид ба ташкили ҷараёни таълим, баланд бардоштани сифати омода намудани мутахассисон чорабиниҳои дахлдорро амалӣ менамояд;

- дар бораи гузаронидани донишҷӯён аз курс ба курс, муқаррар

намудани шаклҳои стпендия, ба онҳо додани рухсатии академӣ, хориҷ ва барқарор намудани донишҷӯён ба ректори Донишгоҳ пешниҳод ва лоиҳаи фармоиш манзур менамояд;

- бо пешниҳоди кафедраҳои тахассусӣ лоиҳаи фармоиши ректорро барои иштирок намудани таълимгирандагон ва шунавандагон ба аттестатсияи ҷамъбастии давлатӣ, таълифи рисолаҳои хатм дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва шаклҳои таълим таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд ва иҷрои онҳоро зери назорат мегирад;

- оид ба беҳдошти шароити маишӣ, моддӣ ва саломатии донишҷӯён чорабиниҳоро амалӣ менамояд, корҳои тарбиявиро тибқи муқаррарот ба роҳ монда, барои татбиқи Қоидаҳои тартиботи дохилӣ, Дастурамали либосҳои тавсиявӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти маънавӣ, фарҳангӣ ва тарбиявии донишҷӯёнро ба танзим медароранд, тадбирҳо меандешад;

- якҷоя бо Кумитаи иттифоқи касабаи устодон ва донишҷӯёни факултет, созмонҳои занон, духтарон, ҷавонон фаъолияти бисёрҷонибаи кормандон ва таълимгирандагонро муҳокима намуда, барои ҷудо намудани хобгоҳ, беҳтар намудани вазъи маишӣ ва модии онҳо ба раёсат пешниҳодҳо манзур месозад;

- тибқи муқаррароти мавҷуда аз дигар ваколатҳо, вазифаҳо ва ӯҳдадориҳое, ки аз Низомномаи декани факултет бармеояд, истифода менамояд ва онҳоро амалӣ мегардонад.

101. Дар факултет Шӯрои олимон таҳти роҳбарии декани факултет ташкил карда мешавад. Тартиби ташкил ва ваколати Шӯрои олимони факултет мувофиқи «Низомномаи Шӯрои олимони факултети муассисаи таҳсилоти олии касбӣ», ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм ба тасдиқ расидааст, ба роҳ монда мешавад.

102. Дар назди факултет бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ кафедра таъсис дода мешаванд, ки роҳбарии онро мудири кафедра ба уҳда дорад.

103. Фаъолияти кафедра ва мудири онро «Низомномаи кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда ба танзим медарорад.

104. Донишгоҳ мувофиқи қонунгузорӣ ҳуқуқи дар амал татбиқ намудани нақша ва барномаҳои таълим ва дигар имтиёзҳоро баъди гирифтани иҷозатнома соҳиб мешавад.

105. Муассис мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати давлатиро доир ба сифати таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ дар Донишгоҳ амалӣ месозад.

106. Назорати риояи Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурииии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи таҳсилотро дар Донишгоҳ, Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи

маориф ба амал мебарорад.

107. Иҷозатномаи пешбурди фаъолияти таълимро аз рӯи нақшаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мақомоти давлатии идораи маориф ва илм дар асоси хулосаи Комиссияи экспертии Хадамоти далатии назорат дар соҳаи маориф медиҳад.

108. Донишгоҳ дар сурате соҳиби иҷозатнома мешавад, ки агар заминаҳои моддӣ, таълимӣ, илмӣ ва техникии он ба талаботи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ бошад.

109. Донишгоҳ барои таъсиси равия, самт ва ихтисосҳои нави таълим новобаста ба иҷозатнома доштан ё надоштан дар асоси қоидаҳои умумӣ ҳуқуқ дорад, аммо гирифтани иҷозатнома ба ихтисоси нав ҳатми мебошад.

110. Аттестатсия мақсад ва муҳтавои мувофиқати мазмун, сатҳ ва чигунагии сифати дониши таълимгирандагони Донишгоҳро ба талаботи стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар зинаҳо ва шаклҳои таҳсилот аз рӯи равия, самт ва ихтисос муқаррар менамояд.

Донишгоҳ бо дархости худ ва ё бо ташаббуси Муассис аттестатсия мегузаронад.

111. Аккредитатсияи давлатии Донишгоҳ дар асоси натиҷаҳои аттестатсияи давлатӣ, ки тартиби онро Муассис муқаррар менамояд, гузаронида мешавад.

112. Шаҳодатнома дар бораи аккредитатсияи давлатӣ мақоми Донишгоҳ ва феҳристи равия ва ихтисосҳоро, ки аз аккредитатсияи давлатӣ гузаштааст, тасдиқ мекунад ва ба Донишгоҳ ҳуқуқи ба таълимгирандагон додани ҳуҷҷати намунаи давлатиро дар бораи таҳсилоти олии касбӣ дорад.

## 7. ТАРТИБИ ҚАБУЛИ ДОНИШҶӮЁН БА ДОНИШГОҲ

113. Қабул ба Донишгоҳ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

114. Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд ба Донишгоҳ тавасссути имтиҳоноти марказонидашудаи Маркази миллии тестӣ дар асоси натиҷаи холҳои бадастовардаашон ба гурӯҳҳои ройгон ва ғайриройгон дохил шаванд.

115. Донишгоҳ нақшаи қабулро барои ҷойҳои ройгон ва ғайриройгон аз рӯи равия ва ихтисосҳои амалкунанда мутобиқи замимаи иҷозатнома дар мувофиқа бо Муассис ва дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ муайян ва тасдиқ менамояд.

Донишгоҳ ҳаҷм ва андозаи пардохти маблағро дар гурӯҳҳои ғайриройгон барои таълимгирандагони ватанӣ ва хориҷӣ мувофиқи

тартиби муқарраршуда дар мувофиқа бо Муассис ва Агентии зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва тасдиқ менамояд.

116. Довталабон ба таълими пулакӣ танҳо баъди пардохти ҳаққи таҳсил (мувофиқи шартнома) қабул карда мешаванд. Аз таълими ғайриройгон ба таълими ройгон ва аз таълими ройгон ба таълими ғайриройгон гузаронидани донишҷӯён иҷозат дода мешавад. Тартиби аз таълими ғайриройгон ба таълими ройгон ва аз таълими ройгон ба таълими ғайриройгон гузаронидани донишҷӯён тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки аз тарафи муассис ё Шӯрои олимони Донишгоҳ тасдиқ гардидааст, ба роҳ монда мешавад.

117. Донишҷӯёни дар намуди пулакӣ (шартномавӣ) таҳсилкунанда дар ҳолатҳои алоҳида метавонанд маблағи таҳсилро вобаста ба имконият ва шароити доштаашон қисм-қисм дар дар ду ё чор даври соли таҳсили ҷорӣ пардохт намоянд.

118. Шахсоне, ки коллеҷҳои мустақил ва соҳавии мактабҳои олиро бо «Дипломи аъло» хатм мекунанд, дар ҳолати мувофиқати равия ва ихтисосҳо ба тариқи суҳбат ба курсҳои мувофиқи Донишгоҳ ба таври ройгон ва ғайриройгон қабул карда мешаванд.

119. Шахсоне, ки коллеҷҳои мустақил ва соҳавии мактабҳои олиро бо дипломи муқаррарӣ хатм менамоянд, дар ҳолати мувофиқати равия ва ихтисосҳо баъди гузаштан аз аттестатсия ва озмун ба тариқи шартномавӣ ба курси мувофиқ дар Донишгоҳ қабул карда мешаванд.

120. Донишгоҳ дар асоси иҷозатномаи пешбурди фаъолият дар соҳаи таҳсилот ва замимаи он аз рӯи равия ва ихтисосҳои мавҷуда шаҳрвандонро барои гирфтани маълумоти дуюм тибқи нақшаи алоҳидаи таълими ғайриройгон дар асоси шартнома қабул менамояд.

121. Донишгоҳ шунавандагонро барои шуъбаи тайёрӣ, курсҳои бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва касбии иловагӣ дар асоси нақшаи алоҳидаи таълим тибқи муқаррарорти мавҷуда қабул менамояд ва баъди хатм ба онҳо Шаҳодатнома медиҳад.

122. Барои шахсони дорои таҳсилоти миёнаи касбии равия ва ихтисосҳои мувофиқ бо равия ва ихтисосҳои Донишгоҳ тибқи қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ дарёфти таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи барномаи маҳдуд ё суръатноки омӯзиш иҷозат дода мешавад.

123. Шумораи умумии донишҷӯён ва тартиби қабули онҳоро аз ҳисоби маблағи буҷет ҳар сол мақомоти марбутаи давлатӣ тибқи меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҷорӣ муайян менамояд.

124. Тартиби қабул, хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯён аз Донишгоҳ тибқи қоидаҳои амалкунандаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии

ҳуқуқии амалкунанда ба роҳ монда мешавад.

125. Ба аспирантураи Донишгоҳ дар асоси озмун шахсоне, ки таҳсилоти олии касбии зинаи мутахассис ва магистрро доранд, қабул карда мешаванд. Таҳсил дар аспирантура дар шакли рӯзона ва ғоибона сурат мегирад. Таҳсили рӯзона на камтар аз се сол ва ғоибона на камтар аз чор солро фаро мегирад.

126. Ба шуъбаи докторантураи Донишгоҳ таълимгирандагоне, ки дарачаи номзади илм доранд, қабул карда мешаванд. Ба докторантура чиҳати дарёфти унвони илмии доктори фалсафа (PhD) ва доктор аз рӯи ихтисос таълимгирандагоне, ки зинаи магистратураро бо муваффақият хатм намудаанд, қабул карда мешаванд.

Муҳлати таҳсил дар докторантура на камтар аз се сол мебошад.

127. Донишгоҳ барои дохил шудани шаҳрвандони хоричӣ ба зинаҳои бакалавриатура, магистратура ва доктор аз рӯи ихтисос, доктори фалсафа (PhD), аспирантура ва докторантура дар шакли таҳсилоти рӯзона, ғоибона, фосилавӣ ва экстернат тибқи карордодҳои байналмилалӣ, созишномаҳои байниҳукуматӣ, шартномаҳои дучониба бо муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии ватаниву хоричӣ ва шартномаҳои инфиродӣ бо қарори Шӯрои олимон ва дар мувофиқа бо Муассис чойҳои қабули ройгон ва ғайриройгон чудо мекунад.

128. Таҳсил дар зинаҳои бакалавриатура, магистратура, доктор аз рӯи ихтисос - доктори фалсафа (PhD) ва доктор аз рӯи ихтисос, аспирантура ва докторантураи пас аз аспирантура мувофиқи Низомнома дар бораи бакалавриатура, магистратура, доктор аз рӯи ихтисос - доктори фалсафа (PhD), инчунин аспирантура ва докторантура, ки бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ мутобиқ ба санадҳои меёрию ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии кабии Ҷумҳурии Точикистон тасдиқ шудаанд, сурат мегирад.

## 8. ҲУҚУҚ, ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲ ДАР ЗИНАИ БАКАЛАВР, МУТАХАССИС ВА МАГИСТР

129. Донишҷӯ шахсе мебошад, ки бо тартиби муқарраршуда ба донишгоҳ қабул шуда, дар шуъбаҳои рӯзона, ғоибона, таҳсили фосилавӣ ва ё ба тариқи экстернат бо мақсади гирифтани зинаи муайяни таҳсилот ва ихтисос таҳсил менамояд.

130. Ба донишҷӯи донишгоҳ намуди муқарраршудаи корт, шаҳодатномаи донишҷӯӣ ва дафтарчаи имтиҳонӣ дода мешавад.

131. **Ҳуқуқҳои донишҷӯёни донишгоҳ:**

- бо риояи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Точикистон, стандатрҳои таълимӣ аз рӯи ихтисос, талаботҳои

давлатӣ аз рӯи ихтисос дониши худро ташаккул диҳад;

- талаботи Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилӣ, Дастурамали либосҳои тавсиявӣ, низомномаҳо, дастурҳо, тартибҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро амалӣ намоянд;

- бо истифода аз озодиҳои академии худ дар интихоби фанҳои алоҳида, курсҳои факултативӣ ва курсҳои аз рӯи касб ва ихтисос тибқи нақшаи таълим ва нақшаи инфиродии донишҷӯ муқarrargardida фаъолона иштирок намоянд;

- ба шароити зарурии таҳсил, пайвастани таҳсил бо фароғат таъмин бошанд;

- низомнома ва муқаррароти низоми кредитии таҳсилотро риоя ва амалӣ намоянд;

-машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ ва дигар талаботи таълимиро саривақт иҷро намоянд;

- барои иштирок дар корҳои мустақилона бо роҳбарии омӯзгор масъул буда, ин машғлиятҳо омодагӣ гиранд;

- ҳангоми қарздории академӣ ҷиҳати бартараф намудани он дар таҳсили иловагӣ-триместр иштирок намуда, талаботи онро пурра иҷро намоянд;

- дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои муҳимтарини Донишгоҳ, аз ҷумла, тавассути иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти давлатии идораи маориф ва илм иштирок намоянд;

- аз китобхонаҳо, марказҳои иттилоотӣ, интернет, почтаи электронӣ ва сайти Донишгоҳ, воситаҳои дигари инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ, паркҳои технологӣ, озмоишгоҳҳо, устохонаҳо, утоқҳои таълимӣ, синфхонаҳо, толорҳои таълимӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, сеҳҳои таълимӣ-истеҳсолӣ, дармонгоҳҳо, нуқтаҳои тиббӣ ва монанди инҳо тибқи Қоидаҳои тартиботи дохилии Донишгоҳ ва тартиботи муқарраркардаи Оинномаи мазкур ба таври ройгон ва ғайриройгон истифода баранд;

- дар раванди таълим аз паркҳои технологӣ, сеҳҳо ва устохонаҳои таълимӣ - истеҳсолӣ, озмоишгоҳҳо ва дигар сохторҳои марбута бо тартиби муқарраргардида ба таври ройгон ва ғайриройгон истифода намоянд;

- дар ҳамаи намудҳои корҳои таълимӣ, тарбиявӣ, илмӣ, инноватсионӣ, варзишӣ, фарҳангӣ, методӣ, тадқиқотӣ, конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо, маҳфилҳо, кулбҳо, викторинаҳо ва озмунҳо иштирок намоянд;

- корҳои илмии худро дар нашрияҳои Донишгоҳ барои чоп пешниҳод кунанд;

- аз болои қарорҳои Шӯрои олимон ва фармоишҳои ректори Донишгоҳ тибқи тартиботи муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон шикоят намоянд;

- вобаста ба имконот баъд аз дарс, пас аз фориғ шудан аз таҳсил баъди курси дуюм дар корхонаю муассисаҳо ва ҳама гуна шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ фаъолият намоянд;

- дар мавридҳои беморӣ, инчунин занҳои ҳомиладор ва тифли ширхорадошта тибқи муқаррароти «Низомномаи рухсатии академии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Низомномаи Донишгоҳ рухсатии академӣ гиранд;

- донишҷӯёне, ки аз ҳисоби Буҷети давлатӣ дар ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ мехонанд ва ё аз рӯи квотаи Президентӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, бояд бо Донишгоҳ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шартномаи сеҷониба ба имзо расонанд.

132. Донишҷӯёни Донишгоҳ, ки дар шуъбаи рӯзона таҳсил намуда, аз ҳисоби буҷети давлатӣ таълим мегиранд, бо стипендия дар ҳаҷми муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда мешаванд.

133. Донишҷӯёни Донишгоҳ ҳуқуқ доранд аз шахсони воқеию ҳуқуқӣ, ки барои таҳсил ба онҳо роҳхат додаанд, стипендияи номӣ гиранд;

134. Дар асоси нишондоди тиббӣ ва дигар ҳолатҳои истисноӣ ба донишҷӯёни Донишгоҳ тибқи тартиби муқарраркардаи Муассис рухсатии академӣ дода мешавад.

135. Донишҷӯёни шакли таҳсили рӯзона, ки дар Донишгоҳ таҳсил менамоянд, аз даъват ба хизмати ҳарбӣ дар муддати таҳсил озод карда мешаванд.

136. Донишҷӯёни шакли таҳсили рӯзона, ки аз Донишгоҳ хориҷ шудаанд, аз ин имтиёз, ки дар банди 129 ва 135 зикр ёфтааст, маҳрум мегарданд.

137. Ба ҳар як таълимгирандаи Донишгоҳ, ки ба хобгоҳ эҳтиёҷ дорад, дар сурати мавҷуд будани фонди манзилӣ утоқи хоб таъмин карда мешавад.

Ба ҳар як сокини хобгоҳ бо шакле, ки мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф ва илм муқаррар намудааст, инчунин тибқи Қоидаҳои зисти хобгоҳ шартнома миёни Донишгоҳ ва таълимгиранда баста мешавад.

Дар сурати халалдор кардани муқаррароти мавҷуда нисбат ба донишҷӯён то дараҷаи аз хобгоҳ ва Донишгоҳ хориҷ намудан чораҳои интизомӣ андешида мешавад.

138. Барои комёбиҳо дар таҳсил, иштироки фаъолона дар корҳои илмию тадқиқотӣ, донишҷӯён мувофиқи Оинномаи мазкур аз лиҳози моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

139. Донишҷӯёни Донишгоҳ кафолати ба дигар муассисаҳои олии таълимӣ гузаштан ва барқарор шуданро мувофиқи тартиботи муқаррарнамудаи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф доранд. Ҳангоми гузариш ба муассисаи олии таълимии дигар ҳамаи ҳуқуқҳои донишҷӯён дар ин зинаи таҳсилоти олии касбӣ нигоҳ дошта мешаванд.

140. Ба донишҷӯёне, ки бо шакли таҳсили ғоибона, фосилавӣ ва ба тариқи экстернат дар Донишгоҳ таҳсил менамоянд, ҳамон имтиёзҳои таълимро, ки барои шакли рӯзона муҳайё кардааст, таъмин менамояд.

141. **Ӯҳдадориҳои донишҷӯёни донишгоҳ:**

- донишҳои назариявиро аз бар намоянд, маҳоратҳои амалиро касб кунанд, усулҳои тадқиқотии муосирро аз рӯи ихтисос интихоб намуда, аз худ намоянд;

- тамоми супоришҳоро саривақт тибқи ҷадвали дарсӣ аз рӯи нақшаи таълим, нақшаи инфиродии худ иҷро намуда, талаботи барномаи таълимӣ, барномаҳои корӣ аз рӯи ҳар як фан, талаботи силлабусҳоро риоя ва амалӣ гардонанд;

-баҳри баланд бардоштани сатҳи фарҳангӣ, ҳисси баланди худшиносӣ, азбарнамоии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, эҳтироми муқаддасоти Ватан ва камолоти ахлоқӣ саъю кӯшиш кунанд;

- талаботи Оинномаи мазкур ва Қоидаҳои тартиботи дохилиро ба пуррагӣ риоя намоянд;

- тамоми талаботи фаъолияти касбии дар тавсияномаи тахассусӣ пешбинигардидаро риоя намоянд;

-ҳамаи талаботи низоми кредетии таҳсилотро риоя ва иҷро намоянд;

- барои иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯ ва корҳои мустақилона бо омӯзгор, ки берун аз аудитория ё дар аудитория сурат мегирад, тайёрӣ бинанд ва супоришҳоро саривақт иҷро намоянд;

- ба дарсҳои амалӣ, семинарӣ, лабораторӣ, таҷрибавӣ омодагӣ бинанд ва дастурҳои омӯзгоронро саривақт иҷро намоянд;

- аз истифодаи телефонҳои мобилӣ дар ҳудуди биноҳои таълимӣ ва синфхонаҳо ҳангоми дарс қатъиян худдорӣ намоянд;

-дастури тавсиявии сару либосро дар дохили Донишгоҳ риоя намоянд;

-аз истифодаи мошинаҳои шахсӣ ҳангоми омадан ба Донишгоҳ қатъиян худдорӣ намоянд;

- дар чорабиниҳои Донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок намоянд;

- қоидаҳои донишҷӯиро пурра ва бечуну чаро иҷро намоянд;

- аз истифодаи дафтарҳои суратдор даст кашанд;

- ба Донишгоҳ бо ҷузвдон ва китобу дафтар ҳозир шаванд;

- қоидаҳои тартиботи дохилии хобгоҳро иҷро намоянд;

- аз кашидани носу сигор, нӯшокиҳои спиртӣ ва маводҳои мадҳушкунанда дар ҳудуди Донишгоҳ ва берун аз он худдорӣ намоянд;

- дар ҳашарҳо, чорабиниҳои ободонӣ ба хотири тозагӣ, беҳар шудани ҳолати санитарӣ, тоза нигоҳ доштани синфхонаҳо, роҳравҳо, биноҳо ва сарзабз нигоҳ доштани майдончаҳои Донишгоҳ ва атрофи он фаъолона ширкат варзанд;

- гулу гулбутаҳо, сабзаҳои ороишӣ, дарахтони ороишии Донишгоҳ ва атрофи онро нигоҳубин намоянд;

- Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилӣ, қарорҳои Шӯрои олимон, дастуру супориш ва фармоишҳои ректори Донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифро иҷро ва риоя намоянд;

- қоидаҳои зист дар хобгоҳ ва дигар талаботҳоро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, риоя намоянд;

- ба молу амволи Донишгоҳ, ки ба ихтиёрашон вогузошта шудааст, эҳтиёткорона муносибат намоянд;

- ҳангоми расонидани зарар (барқасдона шикастан ва корношоям сохтани амвол) ба Донишгоҳ тибқи тартиботи муқарраргардида товони онро пурра ҷуброн намоянд;

- қоидаҳои бехатарии зидди сӯхторро ҳангоми кор бо воситаву таҷҳизоти баркӣ ва ҳифзи муҳити зистро риоя намоянд;

- баъд аз хатми Донишгоҳ тибқи нақшаи тақсимоти шахсии мутахассисони ҷавон барои дарёфти кор аз рӯи ихтисос мутобиқи қарори комиссияи бакортақсимкунии давлатӣ ба ҷойи кор ҳозир шаванд ва онҳое, ки аз ҳисоби сарпарастон ва дигар сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ таҳсил намуданд, ба ихтиёри сарпарасташон ҳозир шаванд.

142. **Донишҷӯ аз донишгоҳ дар ҳолатҳои зерин хориҷ карда мешавад:**

- бо хоҳиши донишҷӯ (дар асоси аризааш);

- бо сабаби ба дигар муассисаи таълимӣ гузаштан;

- бо сабаби давомоти нокифоя (зиёда аз 36 соат дар як нимсолаи таълимӣ);

- барои карзҳои академӣ, аз ҷумла, дар ҳолати саривақт насупоридани санҷишу имтиҳонҳо, аз се ё зиёда фанҳои таълимӣ;

- барои донишҷӯёне, ки дар асоси шартнома таҳсил мекунанд, дар ҳолати сари вақт пардохт накардани маблағи таҳсил тибқи шартнома;

- барои содир кардани ҷиноят пас аз ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукми суд;

- дар ҳолати истифода бурдани телефонҳои мобилӣ дар раванди таълим ва дохил шудан ба ҳудуди биноҳои таълимӣ ва хобгоҳҳои Донишгоҳ бо нақлиёт;

- бо сабаби иштирок накардан дар имтиҳонҳои ҷорӣ ва давлатӣ;

- дар сурати расонидани зарари моддӣ ба донишгоҳ;

- дар сурати дашном додан, дурӯғ гуфтан, таҳқир ё бесабаб расонидани зарари моддӣ ва ҷисмонӣ ба омӯзгор;

- дар сурати иштирок накардан дар таҷрибаи саҳроӣ, истеҳсолӣ ва омӯзгорӣ;

- барои вайрон кардани талаботи «Дастуруламали тавсиявии либосҳои хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ»;

- барои вайрон кардани Оинномаи мазкур ва Қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва содир кардани амалҳои номатлуб ё ғайриахлоқӣ.

143. Шунавандагони Донишгоҳ таълимгирандагоне мебошанд, ки дар шуъбаҳои тайёрӣ, марказ ва ё курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзии мутахассисон ва дар курсҳои репититорӣ ба таври ройгон ва ғайриройгон таҳсил мекунанд.

144. Шунавандагони Донишгоҳ ҳамаи ҳуқуқу вазифаҳое, ки онҳоро донишҷӯёни донишгоҳ дар ҳамаи зинаҳои таҳсил ва шаклҳои таҳсил соҳиб шудаанд, доро мебошанд.

## 9. ҲУҚУҚ, ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ АСПИРАНТОН, УНВОНҶӮЁН ВА ДОКТОРАНТҲОИ ДОНИШГОҲ

145. Шакли асосии тайёр кардани кормандони илмӣ ва илмию омӯзгории баландихтисос дар Донишгоҳ аспирантура ва докторантура ва докторантура аз рӯи ихтисос - доктори фалсафа (Phd) мебошад.

146. Аспирантура ва докторантура, докторантура аз рӯи ихтисос - доктори фалсафа (Phd) дар Донишгоҳ барои таҳсили муттасил, такмили ихтисоси илмию омӯзгорӣ ва илмии таълимгирандагон, устодон, кормандон ва дигар шаҳрвандон таъсис дода шудааст.

147. Ба аспирантоне, ки аз ҳисоби маблағи буҷет дар шакли таҳсили рӯзона дар Донишгоҳ таҳсил мекунанд, стипендияи давлатӣ на камтар аз маоши ассистент муайян карда мешавад ва ҳар сол ба муддати ду моҳ таътил муқаррар мегардад.

148. Аспирантони бахши ғоибонаи Донишгоҳ ҳуқуқ доранд, дар асоси муқаррароти ҷорӣ ҳар сол аз ҷойи корашон ба муддати 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ рухсатии иловагӣ ва зимни ин музди миёнаи меҳнаташонро гиранд.

149. Аспирантони бахши ғоибонаи Донишгоҳ ҳафтае як рӯз ҳуқуқи аз кор озод буданро доранд, ки барои он панҷоҳ фоизи музди меҳнат пардохта мешавад. Корфармо ҳуқуқ дорад, ки ба аспирантон мувофиқи хоҳишашон дар соли чоруми таҳсил ба таври илова ҳар ҳафта ду рӯз рухсатии бе пардохти музд пешниҳод намояд.

150. Аспирантони бахши ғоибонаи Донишгоҳ бо шарти дар хобгоҳ мавҷуд будани ҷойи холӣ дар давраи супоридани имтиҳонот ва навиштани рисолаи илмӣ бо утоқи хоб таъмин карда мешаванд.

151. Ба докторантҳо аз рӯи ихтисос ва докторантҳои баъди аспирантура дар Донишгоҳ стипендияи давлатӣ ва ҳар сол таътили думоҳа дода мешавад.

Ҳуқуқҳои дар ҷойи кор пеш аз дохил шудан ба докторантура доштаи докторантҳои Донишгоҳ (ҳуқуқи гирифтани манзил, дараҷаи илмӣ ва дигар ҳуқуқҳо) ва ҳамчунин ҳуқуқҳои бозгаштани онҳо ба ҷои кори пешинаашон нигоҳ дошта мешавад.

152. Ба ҳар аспиранту докторанте, ки аз ҳисоби маблағи буҷет таҳсил мекунад, барои харидани китобҳои илмӣ ҳар сол ба андозаи ду стипендия кӯмакпулӣ дода мешавад.

Аспиранту докторанте, ки аз ҳисоби маблағи хориҷӣ таҳсил мекунанд, метавонанд барои харидани китобҳои илмӣ ҳар сол ба андозаи на кам аз ду стипендия кӯмакпулӣ талаб намоянд.

153. Унвонҷӯёни Донишгоҳ, ки барои навиштани рисолаи номзади илм ё доктори илм, доктори илм аз рӯи ихтисос (Phd) кор мекунанд ва аз рӯи мушкилоти рӯзмарраи иҷтимоию иқтисодӣ самтҳои бартариятноки тадқиқоти бунёдиро бар ухда гирифтанд ва ба натиҷаҳои назаррас комёб шудаанд, метавонанд ба вазифаи корманди илмӣ ба мӯҳлати то ду сол барои ба анҷом расонидан ва дифои рисола ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ё доктори илм гузаронида шаванд.

Донишгоҳ вазифаи пештараи ин гуна унвонҷӯёнро нигоҳ дошта, ба онҳо ҳуқуқи ба ҷойи пештараи корашон гузаштанро кафолат медиҳад.

154. Дар Донишгоҳ барои анҷоми рисолаи илмии дараҷаи илмии номзади илм ё доктори илм, доктори илм аз рӯи ихтисос мувофиқан ба мӯҳлати се моҳ, шаш моҳ ва як сол рухсатии эҷодӣ бо нигоҳ доштани музди меҳнат ва ҷойи кор дода мешавад.

155. Докторантҳо, аспирантон ва унвонҷӯён аз дигар ҳуқуқу имтиёзҳое, ки дар Оинномаи мазкур дарҷ гардидаанд, бархӯрдор мешаванд.

## 10. ҲУҚУҚ ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ ҲАЙАТИ ПРОФЕССОРОНУ ОМӮЗГОРОН ВА КОРМАНДОНИ ДОНИШГОҲ

156. Дар Донишгоҳ вазифаҳои омӯзгорӣ, илмӣ, (ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони илмӣ), муҳандисӣ, техникӣ, маъмурӣ, хоҷагӣ, истеҳсолӣ, таълимӣ, ёрирасон ва ғайра пешбинӣ гардидааст.

157. Ба ҳайати профессорону омӯзгорон вазифаҳои декани факултет, мудири кафедра, профессор, дотсент, муаллими калон, омӯзгор

(ассистент) мансуб мебошад.

158. Ишғоли ҳамаи вазифаҳои кормандони илмию омӯзгорӣ дар Донишгоҳ мувофиқи шартномаи меҳнатӣ, ки ба мӯҳлати муайян ба имзо расонида мешавад, сурат мегирад.

159. Ҳангоми ишғоли вазифаҳои корманди илмию омӯзгорӣ пеш аз имзои шартномаи меҳнатӣ озмун гузаронида мешавад. Низомнома оид ба тартиби ишғоли вазифаҳои нишондодашуда аз ҷониби мақомоти ҷумҳуриявии идораи давлатии маориф ва илм, инчунин Низомномаи Донишгоҳ дар ин самт сурат мегирад.

160. Сарбории таълимии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳ бо назардошти тахассус, хусусият, аҳамиятнокии фаъолияти онҳо аз тарафи Раёсати таълим дар мувофиқа бо ректори Донишгоҳ муқаррар карда мешавад.

161. **Кормандони илмию омӯзгории донишгоҳ ҳуқуқ доранд:**

- бо тартиби муқаррargardida ба сифати аъзои Шӯрои олимони Донишгоҳ интихоб шаванд;

-тибқи тартиби пешбиникардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи рӯзи кории шашсоата, ҳафтаи кори кӯтоҳкардашуда ва рухсатии дарозмуддати меҳнатии музднок дошта бошанд;

- дар муҳокима ва ҳаллу фасли масъалаҳои бо фаъолияти Донишгоҳ алоқаманд ширкат намоянд;

- аз хизматрасонии китобхонаҳо, интернет, сайту почтаи электронии Донишгоҳҳо, синфхонаҳои электронӣ, фондҳои иттилоотӣ, шуъбаҳои илму таълим ва ҳамчунин аз хадамоти шуъбаҳои иҷтимоию маишӣ, табобатӣ ва шуъбаҳои дигари сохтории Донишгоҳ мувофиқи Оинномаи мазкур ва ё шартномаи коллективӣ ба таври ройгон истифода баранд;

- мазмуни курсҳои таълимиро мутобиқи стандартҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ муайян кунанд;

-низомнома ва дастурҳои ба низоми кредитии таҳсилот алоқамандро аз худ намоянд, барои ворид шудан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот бозомӯзӣ кунанд ва аз навгониҳои таҳсилот бархӯрдор шуда, усулҳои фаъоли таълимро дар ҷараёни тадрис ҷорӣ намоянд;

- тарзу усул ва воситаҳои таълимиро, ки ба хусусиятҳои ҳар кадоми онҳо бештар ҷавобгӯ мебошанд ва сифати баланди раванди таълимро таъмин менамоянд, интихоб намоянд;

- аз имтиёзоте, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва Шартномаҳои коллективии Раёсати Донишгоҳ бо Кумитаи иттифоқи касбаби устодону кормандони Донишгоҳ ва ҳамчунин қарорҳои Шӯрои олимони Донишгоҳ муқаррар кардаанд, истифода баранд.

- аз болои амру фармоишҳои ректори Донишгоҳ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҷорӣ шикоят кунанд.

162. **Кормандони илмию омӯзгории донишгоҳ ӯҳдадоранд:**

- самаранокии баланди раванди кори омӯзгорӣ ва илмиро таъмин намоянд;

- бо Оинномаи Донишгоҳ шинос шаванд, онро омӯзанд ва ҳар як банди онро қатъиян риоя намоянд;

- қоидаҳои тартиботи дохилии Донишгоҳро комилан иҷро намоянд;

- таълимгирандагонро дар рӯҳияи мустақилият, ташаббускорӣ тарбия карда, қобилияти эҷодии онҳоро инкишоф диҳанд;

- арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва ахлоқиву маънавиро эҳтиром намуда, ба таълимгирандагон омӯзонанд;

- машғулиятҳоро дар сатҳи баланди ғоявию назариявӣ, озодонаву эҷодкорона бо исифода аз технологияи инноватсионӣ ва коммуникатсионӣ, инчунин воситаҳои муосири техникӣ гузаронанд;

- усулҳои замонавии таълимро ҷорӣ намоянд, аз дастури курс-лексия, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм тасдиқ гардидааст, истифода намоянд ва таҷрибаҳои пешқадамро дар раванди таълим амалӣ созанд;

- курси лексияҳоро дар мувофиқа бо барномаи таълимӣ, барномаи корӣ аз рӯи фанни ихтисос, силлабусҳо дар асоси ворид шудани техника ва технологияи нав дар ҷараёни таҳсилот коркард ва амалӣ намоянд;

- машғулиятҳои лабораторӣ, амалӣ, семинарӣ, коллоквиумҳо, бозиҳои таълимӣ, видеофилмҳои таълимӣ ва машваратҳо гузаронанд, санҷишҳо ва имтиҳонотро тибқи муқаррароти мавҷуда дар Донишгоҳ қабул намоянд;

- нақшаҳои гузаронидани машғулиятҳо, матнҳои лексияҳо, пакетҳои маводи методӣ, ки барои гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ ва назорати натиҷаҳои фаъолияти таълимӣ - маърифатии донишҷӯён заруранд, омода карда, нисбат ба таҳкими обрӯи омӯзгории худ кӯшиш намоянд;

- дар фаъолияти муштараки таълимӣ, илмӣ, эҷодӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, истеҳсолӣ ва ҷамъиятии Донишгоҳ фаъолона иштирок намоянд;

- дар асоси талаботи илми педагогика ва методологияи муосир роҳбарии корҳои илмӣ-тадқиқотии донишҷӯёнро ба ӯҳда гирифта, ҷалби онҳоро ба тадқиқот аз рӯи маҷмӯи масъалаҳои Донишгоҳ бештар намоянд ва ба онҳо дар банақшагирӣ, ташкил ва гузаронидани тадқиқот, иҷрои корҳои курсӣ, таҳияи реферат, эссе ва рисолаҳои хатм ёрӣ расонанд;

- роҳбарии таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолии донишҷӯён, роҳбарии маҳфилҳо ва клубҳои илмию маърифатии донишҷӯён ва ғайраҳоро бар ӯҳда гиранд;

- ба донишҷӯён тарзи таҳияи нақшаҳои инфиродии таълимӣ, сабти зарурии рӯзномаҳои таълимӣ, ҳангоми ташкили таҷрибаомӯзӣ муошрати муассирӣ-ахлоқӣ (ёрии ҳамдигарӣ, ҳамкорӣ, ҳифзи иҷтимоӣ) ва ғайраҳоро дар раванди таълим ва берун аз он омӯзонанд ва дар ташкили чорабиниҳои беруназаудиторӣ, ки дорои характери таълимӣ, илмӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, истеҳсолӣ ва тарбиявӣ мебошанд, иштирок намоянд;

- бо фаъолияти касбӣ ва ҷамъиятии худ дар зеҳни донишҷӯён ҷаҳонбинии илмӣ, мустақилият ва ҳисси ҷавобгарӣ, принсипҳои арзишноки маънавӣ, ҳисси эҳтиром нисбат ба қонунҳо ва ватандӯстиро ташаккул диҳанд;

- дар ташкил ва гузаронидани санҷишу имтиҳоноти фосилавӣ ва ҷорӣ, коркард ва таъмини курсҳои касбӣ - тамоюлнокӣ дар синфҳои болоии мактабҳо, литсею гимназияҳо ва дигар шаклҳои тамоюли касбии ҷавонон фаъолона иштирок намоянд;

- тахассуснокии педагогӣ ва илмии худро дар маркази такмили ихтисос ва таҷрибаҳосилкунӣ баланд бардоранд;

- дар конфронсҳои илмӣ, амалӣ, назарӣ бо маърузаҳо баромад намоянд ва дар азхудкунии технологияҳои нави педагогӣ ва иттилоотӣ, саъю талош варзанд;

- стандартҳои давлатии таълим, талаботи давлатӣ аз рӯи ҳар як ихтисосро аз худ намоянд, ҳангоми шуруъ ба фаъолияти омӯзгорӣ аз онҳо ба таври васеъ истифода баранд;

- талаботи низоми кредитии таҳсилотро иҷро намоянд ва дар гузаронидани кори мустақилонаи донишҷӯ, кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор, тартиби гузаронидани триместрҳо ва дигар талаботе, ки аз ин низом бармеоянд, фаъолона иштирок намоянд;

- маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Донишгоҳро аз худ намоянд, риоя ва иҷрои онҳоро дар фаъолияти ҳамарӯзаашон таъмин созанд;

- тавсиянома доир ба мақоми омӯзгорро, ки бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ ва Шӯрои коллективи меҳнатӣ қабул шудааст, аз бар намоянд ва тибқи талаботи он фаъолияташонро ба роҳ монанд;

- мақоми омӯзгорро, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» омадааст, аз бар намоянд ва иҷрои талаботи онро дар раванди таҳсил татбиқ гардонанд.

163. Кормандони илмии Донишгоҳ ҳақ доранд, ки усулҳо ва воситаҳои гузаронидани тадқиқотҳои илмиеро, ки ба талаботҳои бехатарӣ ҷавоб медиҳанд, ба қобилияти инфиродии онҳо бештар мувофиқанд ва сифати баланди ҷараёни илмиро таъмин мекунанд, интихоб намоянд.

164. Ҳуқуку уҳдадориҳои кормандони маъмурию хоҷагӣ,

муҳандисию техникӣ, истеҳсолӣ, таълимию ёрирасон ва дигар кормандони Донишгоҳро, ки қонунгузорӣ оид ба меҳнат, ҳамин Оиннома, Қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва дастурҳои вазифавӣ (мансаби)-и аз ҷониби ректори Донишгоҳ тасдиқшуда муайян мекунад.

165. Барои комёбиҳои таълимӣ, методӣ, илмӣ, тарбиявӣ ва дигар фаъолияти пешбинишуда ҳайати профессорону омӯзгорон ва дигар кормандони Донишгоҳ тибқи қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва «Низомномаи ҳавасмандгардонӣ ва муҷозотдиҳӣ (мотиватсия) дар Донишгоҳ» бо шаклҳои гуногуни ҳавасмандкунии маънавию моддӣ қадр карда мешаванд.

166. Ҳуқуқҳои мушаххас ва вазифаҳои ҳайати кормандони таълимию ёрирасон ва маъмуриву хоҷагӣ тавассути қоидаҳои амалкунандаи Донишгоҳ ва дастурҳои вазифавӣ муайян карда мешаванд.

## 11. ОИД БА ТАЙЁР КАРДАН, ТАКМИЛИ ИХТСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ ИЛМӢ - ОМӮЗГОРИИ ДОНИШГОҲ

167. Дар Донишгоҳ мувофиқи тартиби муқарраршуда кадрҳои илмию омӯзгорӣ тайёр карда мешавад.

168. Барои рушди маҳорати касбии кормандони илмию омӯзгорӣ дар Донишгоҳ шуъбаҳои рӯзона ва ғоибонаи аспирантура ва докторантура амал мекунанд, ки онҳо метавонанд бо имтиёз ба ин шуъбаҳо дохил шаванд. Инчунин, номзадҳои илми Донишгоҳ барои анҷом додани рисолаҳои докторӣ метавонанд ба мӯҳлати то ду сол ба вазифаи корманди калони илмӣ гузаранд ва рисолаи илмии доктории худро ба анҷом расонанд.

Ҳамчунон, кадрҳои илмию омӯзгории Донишгоҳ метавонанд ба сифати коромӯз аз курсҳои якмоҳа, думоҳа ва семоҳаи такмили ихтисоси назди муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, марказҳои такмили ихтисос, муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ - тадқиқотӣ, инчунин муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии хориҷӣ ва марказҳои илмии дигар кишварҳо истифода намоянд.

Ба кадрҳои илмию омӯзгории Донишгоҳ барои гирифтани рухсатии илмӣ-эҷодӣ бо нигоҳ доштани музди меҳнат ва ҷойи кор ба муҳлати аз шаш моҳ то як сол барои анҷом додани рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, таълифи асарҳои илмӣ ва китобҳои дарсӣ тибқи қарори Шӯрои олимон иҷозат дода мешавад.

169. Донишгоҳ шаклҳои зерини такмили ихтисосро низ муқаррар кардааст:

- таҷрибаомӯзии илмӣ, омӯзгорӣ, эҷодӣ, аз ҷумла, дар корхонаҳо,

муассисаҳои илмӣ - таҳқиқотӣ, бюроҳои конструкторӣ, муассисаҳои олии таълимӣ ва ташкилотҳо, аз ҷумла, дар хориҷа;

- рухсатии илмӣ-эҷодӣ барои хатми рисолаи илмӣ;

- такмили ихтисос ва бозомӯзӣ дар Донишгоҳу донишкадаҳо дар факултетҳо, кафедраҳо, озмоишгоҳҳо ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо;

- бозомӯзӣ ва таълим дар факултетҳо ва курсҳои махсуси назди муассисаҳои олии таълимӣ.

170. Кормандони илмию омӯзгории Донишгоҳ тибқи муқаррароти мавҷуда бояд на кам аз як маротиба дар панҷ сол аз курси такмили ихтисос гузаранд ва ба ин мақсад аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба Донишгоҳ бояд маблағи зарурӣ пешбинӣ гардад.

171. Такмили ихтисоси кормандони илмию омӯзгориро аз рӯи шартномае, ки аз ҳисоби маблағи шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ бо Донишгоҳ мебанданд, метавон ба роҳ монд.

172. Тартиб, навъу шаклҳои такмили ихтисосро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим накардааст, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассис муқаррар менамояд.

173. Донишгоҳ мувофиқи барномаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва нақшаи мавзӯъҳои тасдиқнамудаи Шӯрои олимон тадқиқотҳои илмии бунёдӣ ва амалиро ба роҳ монда, истифодаи оқилона ва самараноки нерӯи илмии дар ихтиёраш бударо таъмин менамояд. Фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар Донишгоҳ дар ҳамгирой бо ҷараёни таълим ва истеҳсолот бо ҷалб намудани донишҷӯён ба тадқиқоти илмӣ сурат мегирад. Навъҳои асосии тадқиқоти илмӣ инҳоянд:

- тадқиқи проблемаҳои бунёдӣ ва амалии илмӣ;
- анҷом додани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ;
- таълифи рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, васоити таълимӣ ва нашри рӯзномаю маҷаллаҳо;
- дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ҷорӣ кардани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ташвиқу тарғиби дастовардҳои илм, техника, фарҳанг ва таҳсилот.

Тадқиқоти илмие, ки дар Донишгоҳ гузаронида мешавад, асосан аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва маблағи манбаъҳои ғайрибуҷетӣ таъмин карда мешаванд.

174. Унвони илмии профессор ба шахсе дода мешавад, ки дараҷаи илмии доктори илмро аз рӯи ихтисос дошта, дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ корҳои омӯзгорӣ, илмӣ ва методӣ мебарад, инчунин таҳти роҳбарии ӯ ду шогирд рисолаи номзадӣ ҳимоя карда бошанд.

175. Унвони илмии дотсент ба шахсе дода мешавад, ки дараҷаи

илмии номзади илмро дошта, дар муассисаҳои олии таълимӣ бо фаъолияти омӯзгорӣ ва бо корҳои илмию методӣ машғул бошад.

## 12. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИИ ДОНИШГОҲ

176. Муассис бо мақсади таъмини фаъолияти дар ин Оинномa пешбинишуда биноюо иншоот, комплексҳои амвол, таҷҳизот ва ҳамчунин дигар моликияти зарурии истеъмолӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайраро бо ҳуқуқи идораи фаврӣ ба Донишгоҳ вобаста менамояд.

177. Донишгоҳ маблағу амвол ва дигар намудҳои моликиятеро, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барояш тӯҳфа намудаанд, ба тариқи хайрия додаанд ё худ мерос мондаанд, самараи меҳнати зеҳнӣ ва эҷодкориро, ки натиҷаи фаъолияти худи Донишгоҳ мебошад ва ҳамчунин даромад аз фаъолияти бевоситаи сохторҳои худро ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан дорад.

178. Донишгоҳ муомилоти пулӣ, моликият ва дигар иншоотҳое, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар шакли инъом ё васиятнома, аз ҳисоби фурӯши мол ва хизматрасониҳо ба даст овардааст, маҳсули заҳмати зеҳнӣ ва маҳсулоти коргоҳҳо ва ҷузъҳои он мебошанд, ҳамчунин васоите, ки аз фаъолияти ҳисоби хоҷагӣ дар кори тайёр ва азнавтайёркунии мутахассисон ба даст меоянд, ихтиёрдорӣ менамояд.

179. Донишгоҳ ба тариқи муқарраркардаи қонунгузории амалкунанда ҳуқуқ дорад ба сифати иҷорагир ва ё иҷорадиҳанда баромад намояд.

180. Сарчашмаҳои ташаккули амволи Донишгоҳ ва маблағгузории фаъолияти он аз инҳо иборат аст:

- моликияти давлатӣ, ки бемуҳлат бо мақсади истифодабарӣ ба Донишгоҳ дода шудааст;
- маблағи Буҷети давлатӣ, ки барои фаъолияти молиявии Донишгоҳ муқаррар шудааст;
- воситаҳои буҷетии зинаҳои гуногун, ки барои таъмини меъёри давлатии таҳсилот ҷудо карда мешавад;
-ҳиссаҷудокунии Парки технологӣ, агробиолабораторӣ, корхонаҳои истеҳсолии дар ҳисоби хоҷагӣ буда, ташкилотҳои таълимӣ - таҷрибавӣ ва дигар ҷузъҳои Донишгоҳ;
- даромадҳое, ки аз амалӣ намудани шаклҳои гуногуни фаъолият ба даст меояд;
- қарзҳои бонкӣ ва дигар қарздиҳандагон;
- аъзоҳақиҳои мақсаднок, воситаҳои фармоишдиҳандагон ва дигар сарпарастон, ки барои тайёр ва аз нав тайёр намудани мутахассисон равона шудааст, хайрияҳои ихтиёрии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, аз ҷумла, шарикони хориҷӣ;

- даромади васоити пулӣ, арзӣ, ки Донишгоҳ дар бонкҳо ва дигар муассисаҳои вомдиҳанда гузоштааст;

- даромад аз истифодаи фаъолияти таълимӣ, илмӣ, хоҷагӣ ва ғайра, инчунин дигар манбаъҳое, ки мувофиқи қонунҳои амалкунанда ва Оинномаи мазкур ба даст омадааст.

181. Донишгоҳ соҳаву тартиби истифодаи маблағеро, ки аз ҳисоби буҷет ва манбаъҳои дигари манънакардаи қонунгузорӣ гирифтаанд, мустақилона муайян мекунанд. Маблағи дар давраи ҷорӣ (солона, семоҳа, моҳона) истифоданакардаи Донишгоҳро пас гардонида гирифтан ё худ ба ҳаҷми маблағгузории давраи минбаъдаи муассисаи олии таълимӣ ҳисоб кардан мумкин нест.

182. Донишгоҳ дар бонкҳо ва ташкилотҳои дигари қарздиҳӣ барои нигоҳ доштани пул ва ҳар навъ ҳисобу китоб, амалиёти қарздиҳӣ ва додугирифт, аз ҷумла, муомилоти асъор суратҳисобҳо кушода метавонад.

183. Донишгоҳ ҳуқуқи ба ҷуз нақшаи қабули таълимгирандагон, ки аз Буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад, таълимгирандагонро ба тариқи шартномавӣ бо пардохти маблағи таҳсил ба тариқи инфиродӣ ва аз ашхоси ҳуқуқӣ қабул намояд.

Донишгоҳ дар бастани шартномаҳо, таъини уҳдадориҳо ва дигар ҳолатҳое, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур нестанд, соҳибихтиёр аст.

Донишгоҳ дар истифодаи даромад ва амволе, ки дар натиҷаи чунин фаъолиятҳо ба даст меояд, соҳибихтиёр мебошад. Даромади мазкур тибқи Оинномаи мазкур ва қонунгузории ҷорӣ мавриди истифода қарор мегирад.

184. Аз даромади холисе, ки пас аз пардохтҳои мавриди назар дар ихтиёри Донишгоҳ боқӣ мемонад, маблағҳои махсус ташкил мешаванд.

Тартиби ташкил ва истифодаи маблағҳои махсус тибқи тартиботи муқарраршуда танзим мегарданд.

185. Донишгоҳ ба таври мустақим дар назди Муассис, мақомоти молия, андоз, мақомоти омор ва дигар мақомоти давлатӣ тибқи қоидаҳои амалкунанда ҳисобот медиҳад.

186. Масъалаи бастани шартнома барои фаъолияти пулии таълимии Донишгоҳ аз ҷониби он дар асоси шартномаҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур мухолиф нестанд, ба амал бароварда мешавад.

187. Донишгоҳ ҳуқуқи ташкил кардан ва таъсис додани ассотсиатсияҳои гуногун, паркҳои технологӣ, бизне-инкубаторҳо, иттиҳодияҳо, аз ҷумла, бо ширкати ташкилотҳо, корхонаҳо, ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва дигаронро дорад. Фондҳои оинномавии рафоқатҳо (ҷамъиятҳои саҳҳомӣ) бо истифодаи воситаҳои молию пулие, ки дар

ихтиёри Донишгоҳ мебошанд, ба сифати саҳм дар бунёди оинномавии онҳо ширкат варзад.

188. Донишгоҳ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияташ, инчунин намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии амволӣ метавонад дар асоси шартнома иттиҳодияҳои ғайритиҷоратиро дар шакли ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) таъсис диҳад.

189. Донишгоҳ чун аъзои ассотсиатсияҳои низоми таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ мустақилият ва мақоми шахси ҳуқуқӣ будани худро нигоҳ медорад ва аз рӯи ӯҳдадориҳои ассотсиатсия ба андоза ва мувофиқи тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсисии он пешбинишуда масъулияти субсидиарӣ дорад.

190. Воҳидҳои таркибӣ ва муассисаҳои дигари дар сохтори Донишгоҳ буда ҳуқуқи нигоҳдоштан ва кушодани суратҳисобҳои худиро надоранд.

## 13. ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ХОРИҶИИ ДОНИШГОҲ

191. Ҳамкории байналмилалии Донишгоҳ дар доираи фаъолияти сиёсати хориҷии давлат ва Муассис ба шариккории ҳақиқӣ, эътимоду боварии тарафайн ва ба шартномаю созишномаҳои байни давлатӣ асос меёбад.

192. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад, ки дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва баланд бардоштани ихтисоси мутахассисон, фаъолияти таълимӣ, корҳои илмӣ ва ғайра, инчунин фаъолияти бурунмарзиро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаю карордодҳои байналмилалӣ дар шакли ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба ба роҳ монад.

193. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад, ки дар мувофиқа бо муассис бо корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ робитаи бевосита муқаррар намояд, барномаҳои байналмилалии таълимӣ, илмӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотиро амалӣ гардонад, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шомили иттиҳодияҳои байналмилалии ҷамъиятии таълимӣ ва илмӣ гардад.

194. Таълим, тайёр намудан ва баланд бардоштани тахассуси шаҳрвандони хориҷӣ, корҳои таълимӣ ва илмӣ-пажӯҳишии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷ дар асоси қарордоди байнидавлатӣ, созишномаи байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои дахлдори идоракунии маорифи кишварҳои хориҷ ва ҳамчунин дар асоси бастани шартномаҳои инфиродӣ бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ бо Донишгоҳ ба роҳ монда мешавад.

195. Донишгоҳ ҳуқуқ дорад, ки дар мувофиқа бо муассис ба

фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амал кунад, дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарздиҳанда (кредитӣ) суратҳисоби асъорӣ дошта бошад.

Донишгоҳ инчунин ба сифати комплекси таълимӣ, илмӣ ва истеҳсолӣ дар мувофиқа бо Муассис ба тариқи муқарраршуда ҳуқуқ дорад, ки оид ба расонидани дигар хизматҳо ва фурӯши маҳсулоти корхонаҳои истеҳсолию ҷузъҳои хоҷагидории дар ихтиёрашбуда фаъолияти иқтисодии беруниро ба роҳ монад.

196. Асъоре, ки Донишгоҳ аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба даст меорад, қонунан дар ихтиёри он буда, ба истиснои муқаррароти қонунгузории ҷорӣ мусодира кардани он мумкин нест. Ин маблағ барои мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ ва рушди иҷтимоии Донишгоҳ харҷ карда мешавад.

## 14. ҲИСОБОТ ВА ҲИСОБОТДИҲӢ

197. Донишгоҳ ҳисоби фаврӣ ва муҳосибиро аз натиҷаҳои фаъолияти худ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад ва аз рӯи шакли муқарраршуда баҳисобгирии муҳосибӣ, оморӣ, коргузорӣ, амалиёти бойгонӣ бурда, дар ин хусус ба Муассис ҳисобот пешниҳод менамояд;

198. Вазифаҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ инҳо мебошанд:

- ташкили ахбори комилан дурусти раванди хоҷагидорӣ ва натиҷаҳои корҳо ҷиҳати идоракунӣ ва роҳбарии фаврӣ;
- таъмини назорат аз болои мавҷудият ва гардиши пули нақд, васоити молӣ, меҳнатӣ ва ғайра мувофиқи меъёр, ченакҳо ва сметаҳо;
- саривақт огоҳонидан бо мақсади пешгирӣ аз зуҳуроти номатлуб дар фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидорӣ, ошкор намудани хароҷоти маблағҳои ғайримақсаднок ва сафарбар намудани захираҳои дохилии Донишгоҳ.

199. Донишгоҳ ба таври мустақим ба тариқи муқаррароти қонунгузорӣ дар назди мақомоти молия, андоз, омор ва дигар идораҳои марбута ҳисобот медиҳад.

200. Давраи ҳисоботӣ барои Донишгоҳ соли тақвимӣ – аз 1 январ то 31 декабр мебошад.

201. Донишгоҳ маблағҳои буҷетиро дар дар идораи Маркази хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ медорад.

202. Донишгоҳ метавонад маблағҳои махсуси худро дар бонкҳои тиҷоратӣ дар шаклҳои гуногун (депозит, мӯҳлатнок ва ғ.) гузорад.

203. Донишгоҳ баҳисобгирии муҳосибавӣ-омории худро дар асоси

муқаррароти таъиншуда ба роҳ мемонад.

204. Роҳбарияти Донишгоҳ ва дигар шахсони мутассадӣ барои вайрон кардани тартиби ҳисоботдиҳӣ масъулияти шахсӣ дошта, тибқи қонунгузории ҷорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## 15. ТАРТИБИ ТАЪСИС, АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ДОНИШГОҲ

205. Таъсиси Донишгоҳ бо пешниҳоди Муассис ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории амалкунанда сурат мегирад ва ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

206. Донишгоҳ аз замони ба қайди давлатӣ гирифтани худ таъсисгардида дониста шуда, барои гирифтани иҷозатнома ҷиҳати пешбурди фаъолият ҳуқуқ пайдо мекунад, ки нақша ва барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро амалӣ гардонад ва аз имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ истифода намояд.

207. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии Донишгоҳ бо тартиби муқарраркардаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

208. Ҳангоми азнавташкилдиҳӣ ва ё барҳамдиҳии Донишгоҳ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кормандони аз кор озодшуда кафолат дода мешавад.